*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

| Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 124 (4544) | ЧОРШАНБЕ, 5 ОКТЯБРИ СОЛИ 2022 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад |
|---|---|---|---|

## ЗАБОНИ МОДАРИРО ДАР САТҲИ АЪЛО ДОНИСТАН КАМОЛИ ЭЪТИҚОДУ ЭҲТИРОМ БА ВАТАН – МОДАР АСТ




*Эмомалӣ РАҲМОН,*
*Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

**Забони мо, яъне забони шоиронаву зебои тоҷикӣ бузургтарин ва гаронбаҳотарин дороиву сарвати мо, ифтихори мо ва рӯи сурху сари баланди мо - тоҷикон - яке аз миллатҳои қадимтарини дунё мебошад.**

**Масъалаи забони давлатӣ ва тақвияту таҳкими мақоми он дар таърихи давлатдории навини мо ҳамеша яке аз масъалаҳои муҳимтарин ва аввалиндараҷа ба ҳисоб рафта, имрӯз низ пайваста дар маркази диққати Давлату Ҳукумати мамлакат қарор дорад. Яъне, забони давлатӣ дар Тоҷикистон зери ҳимояву пуштибонии мустақими давлат қарор дошта, барои рушду пешрафти он дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаи кишвар ҳамаи шароиту имкониятҳо фароҳам оварда шудаанд.**

**Забони тоҷикӣ дар раванди ташаккулу таҳаввули худ роҳи ниҳоят душвору пурпечутоберо тай намуда, аз санҷишу имтиҳонҳои сахти таърих гузаштааст ва имрӯз, ки мо дар масири бунёду таҳкими давлатдории миллӣ пеш меравем, рисолати худро ба сифати василаи ваҳдатсоз ва муттаҳидкунандаи мардуми Тоҷикистон муваффақона идома дода истодааст.**

**Ҳамин забон аст, ки миллати тоҷик дар тӯли ҳазорсолаҳо таъриху фарҳанги камназири худро тавассути он навишта ва ба ҷаҳониён муаррифӣ кардааст. Дигар ин, ки забон ҳамчун падидаи иҷтимоӣ, дар ҳақиқат, оинаи рӯзгор, расму оин, суннату анъана ва донишу фарҳанги гузаштагон барои наслҳои имрӯза мебошад. Маҳз ба ҳамин далел забон дар раванди барпо кардани давлати миллӣ ҳамчун унсури аввалия ва рукни бунёдии давлатдорӣ нақши ниҳоят муҳим ва сарнавиштсоз дорад.**

**Забони модариро дар сатҳи аъло донистан, онро дӯст доштан, бо ин забони ширину шево дурусту равону зебо сухан гуфтан ва асари адабӣ эҷод кардан камоли эътиқоду эҳтиром ба Ватан – Модар ва далели ҳисси баланди миллӣ мебошад.**

**Мо бояд шукрона кунем, ки Истиқлолияти давлатӣ барои ҷилову дурахши дигарбораи яке аз муқаддасоти миллии мо – забони тоҷикӣ, рушду такомул ва истифодаи он дар ҳамаи соҳаҳо заминаи созгор ва имкониятҳои фаровон муҳайё намуд.**

*Муҳаммад ҒОИБ,*
*Шоири халқии Тоҷикистон*

## ЛИВОИ ИФТИХОР

### Эҳдо ба Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон

*Ҳадиси зиндагию орзуӣ,*
*Ливои ифтихору обрӯӣ.*

*Сутуни кохи ҳастию умедӣ,*
*Талабгори раҳу бахти сафедӣ.*

*Ватандорӣ, сарат ҳар ҷо баланд аст,*
*Сари тоҷик дар дунё баланд аст.*

*Ҳама донад, ки нӯше нест бе неш,*
*Ғами дунё бувад аз шодияш беш.*

*Ба дунё баҳри бе тӯфон набошад,*
*Куҷо оне, ки саргардон набошад?*

*Ҳаво ҳам гаҳ ҳаводорӣ надорад,*
*Раҳи тақдир ҳамворӣ надорад.*

*«Паси шоҳ аст ғайбат» - халқ гӯяд,*
*Бад аз неки ҷаҳон ҳам айб ҷӯяд.*

*Ҳазорон ранг фаҳми одамин аст,*
*Баланду паст афлоку замин аст.*

*Расад аз бонги ҳастӣ бар дилогоҳ:*
*Набошад чашму дил бе ашку бе оҳ.*

*Намакро пос дорад некмардум,*
*Табассум кун, табассум кун, табассум.*

*Зафар кардан гарон бар лашкари халқ,*
*Расонад ҷони бадкирдор бар ҳалқ.*

*Ту он ҷоӣ, ки неконро макон аст,*
*Ба пеши баҳр қатра нотавон аст.*

*Туро бошад ба ҳар даргоҳу дар дӯст,*
*Туро гӯянд: - Инсони башардӯст.*

*Ту кардӣ дур аз дил кинаҳоро,*
*Раҳондӣ аз ғубор оинаҳоро.*

*Ба дасти сулҳ халқ оғӯш кардӣ,*
*Алови ҷангро хомӯш кардӣ.*

*Раҳид аз нестӣ кишвар зи ҷаҳдат,*
*Шикастанро надорад ёд аҳдат.*

*Ту кардӣ мулки худро ваҳдатобод,*
*Ту кардӣ роҳу нақбу барқ бунёд.*

*Зи ҳар сӯ накҳати гул бар димоғ аст,*
*Ба ҷои доғ осор аз ту боғ аст,*

*Забонрову суханро зинда кардӣ,*
*Бузургонро, Ватанро зинда кардӣ.*

*Баланд оҳанги ҷашну анҷуман шуд,*
*Баландовоза дар дунё Ватан шуд.*

*Макун парво зи ҳарфи хӯрдагирон,*
*Пур аз заҳр аст зарфи хӯрдагирон.*

*Ба меҳан посдорон ҳам зиёданд,*
*Муҳаббатпарварони умрбоданд.*

*Туро чун ҷони ширин дӯст доранд,*
*Шавад лозим, ба ҳифзат ҷон супоранд.*

*Чӣ бошад зиндагӣ? Додӣ ҷавобаш,*
*Ба зарҳал ҳаст номат дар китобаш.*

## ПАЙВАНДГАРИ ДИРӮЗУ ИМРӮЗ ВА РАҲНАМОИ ФАРДОИ МИЛЛАТ



**Фарҳод РАҲИМӢ,**
**академик, президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ**

***Касе к-ӯ боварии халқро арзанда мегардад,***
***Ба ҳар кас дӯстрӯ, ҳар хонаро зебанда мегардад.***

Ин суханони пурҳикмати Қаҳрамони Тоҷикистон, устод Мирзо Турсунзода ҳақиқати рӯзгор ва шуҳрату эътибори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ифода мекунанд. Воқеан ҳам, Пешвои миллат узви ифтихории ҳар як хонадони тоҷик мебошанд. Инро мардуми тоҷик ва ҳамаи тоҷикистониён эътироф мекунанд.

Далели бисёр возеҳу равшани Пешвои воқеӣ ва мардумӣ будани муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар он аст, ки ба шарофати маҳбубияту ба сабаби маъруфияти ӯ дар мамлакат ягонагии давлат ва халқ ба вуҷуд омадааст. Пешво ҳалқаи васл аст, ки ин ду қутбро ба ҳам овардаву пайваст кардааст. Халқ бо боварии комил ба ин, ки Роҳбари давлат такягоҳи халқ аст, дар симои давлат такягоҳи худро мебинад ва давлат бо итминони тамом ба ин, ки халқ такягоҳи Роҳбари давлат аст, дар симои халқ такягоҳи худро тасаввур мекунад.

Дар таърихи башар ва сиёсатҳои ҷаҳонӣ ин гуна ҳолатҳое, ки ба сабаби маҳбубияти Сарвари кишвар ягонагии халқу давлат ба вуҷуд меояд, ҳодисаи муқаррарӣ нест. Иҷрои ин гуна рисолат фаротар аз ҳадди маъмулию хидмати вазифавии роҳбари як давлат аст. Чунин хидматро танҳо Пешвои миллат метавонад анҷом диҳад!

Эмомалӣ Раҳмон бо Паёми сулҳу ваҳдат ва ғояи миллию маслаки ватанпарастӣ, мароми созандагию бунёди роҳҳову нақбҳо миллатро ҳам аз лиҳози ғоявӣ ва ҳам аз лиҳози ҷуғрофӣ ба ҳам оварданд. Дар мавриди гузариш аз як сохтор ба сохтори дигар, аз як ғоя ба ғояи дигар тавонистанд дар паҳнои қаламрави порашуда ва андешаи парокандаи миллати парешон ваҳдату ягонагии марзию зеҳниро ба вуҷуд оваранд.

Эмомалӣ Раҳмон на фақат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, балки Асосгузори мактаби давлатдории миллӣ ва эҳёгари суннатҳои давлатдории азёдрафтаи бостонии миллати тоҷик буда, чун пешвову раҳнамо миллатро аз худсӯзӣ ба худсозӣ ҳидоят карданд.

Таҷрибаи бузурги дар самти давлатдорӣ ҳосилкардаи Пешвои миллат, ки эҳёи хотираи маҳвшудаи ҳукмронии сиёсии миллати куҳанбунёду соҳибдавлати мост, дар хазинаи методологияи давлатдории тоҷикон ҳамчун дастоварди бисёр арзишманд ва бебаҳои сиёсӣ ба хотири корбурди амалию назарӣ ва андӯхти таҷрибаи ояндагон боқӣ хоҳад монд.

Эмомалӣ Раҳмон наҷотбахши меҳану миллат, эҳёгари забону фарҳанг ва суннати ниёкону бунёдгузори давлати мост. Ӯ дар айёми бисёр ҳассос ва барои миллати тоҷик фоҷиабори таърихӣ рисолати роҳбариро беш аз ҳадди маъмулию муқаррарии хидматӣ анҷом дод.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

**Яке аз муҳимтарин нишондиҳандаҳои давлати соҳибистиқлол доштани Конститутсияи мукаммал ва ҳокимияти қавии конститутсионӣ ба шумор меравад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соли 1994 тариқи раъйдиҳии умумихалқӣ қабул шудааст, яке аз дастовардҳои бузурги мардуми Тоҷикистон буда, он таҳкурсии бунёди давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаро гузошт. Дар ин хусус Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд намуданд: «Конститутсия нишонаи нахустин ва муҳимтарини соҳибистиқлолии давлат буда, аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ, созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва давлатҳои дигар эътироф гардидани соҳибихтиёрии он аз ҳамин ҳуҷҷати тақдирсоз сарчашма мегирад».**

## САҲМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАШАККУЛИ НИЗОМИ ҲУҚУҚИИ ТОҶИКИСТОН

**РАҶАБЗОДА Равшан Муҳитдин,**
**раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент**



Хушбахтона, Ватани азизи мо - Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумлаи кишварҳоест, ки Конститутсияи устувор ва ҳокимияти конститутсионии пойдор дорад. Мувофиқи таҳлили коршиносони байналмилалӣ, Конститутсияи Тоҷикистон яке аз мукаммалтарин конститутсияҳои ҷаҳони муосир буда, дар шумори панҷ конститутсияи беҳтарини дунё шомил мешавад. Он ҳама меъёри муосири сохторӣ ва арзишии низомҳои демократӣ ва ҳуқуқу озодиҳои эътирофшудаи умумибашариро фаро мегирад.

Ба даст овардани Конститутсияи мукаммалу устувор ва барои соҳиб шудан ба ин шиносномаи пурифтихори миллат ва давлати мо роҳи басо душвор ва печидаро пушти сар гузошт, ки ҳар як қадами он моҳияти таърихӣ ва аҳамияти тақдирсоз дошт. Дар садри ин талошу муборизаи таърихии миллат Пешвои миллат, абармарди таърих Эмомалӣ Раҳмон меистод. Шахсе, ки бо ҷонбозиҳояш халқро соҳиби шиносномаи давлатӣ, аркони давлатдорӣ ва давлати соҳибистиқлол намуд.

Корномаи сиёсии Пешвои миллат бо мафҳуми конститутсия аз оғоз пайванди ногусастанӣ дошт, зеро ӯ аввалин қадамро ба водии сиёсати бузург маҳз бо ҳамин маром, яъне «барқарор кардани ҳокимияти конститутсионӣ» гузошт. Ба ибораи дигар, қонунгароӣ ва конститутсионализм аз ибтидо меҳвари тафаккури сиёсии ӯро ташкил дода, батадриҷ ба мазмуни фаъолият ва мактаби сиёсии ӯ табдил ёфтанд. Ин аст, ки дар таърихи давлатдории навини мо номи Эмомалӣ Раҳмон бо мафҳумҳои усулие чун волоияти қонун, ҳукумати қонунӣ ва ҳокимияти конститутсионӣ пайванди амиқ доранд.

Таъкидҳои ӯ бар волоияти қонун ва иҷрои қатъии меъёрҳои конститутсионӣ бесабаб набуд, зеро Эмомалӣ Раҳмон дар замоне ба роҳбарии давлат расид, ки Конститутсияи Тоҷикистон на танҳо ба санади бетаъсир, балки ба бозичаи дасти гурӯҳҳои гуногуни сиёсӣ табдил ёфта буд. Қариб дар ҳар ҷаласаи Шӯрои Олии Тоҷикистон чанд банди Конститутсия ба манфиати ин ё он гурӯҳ тағйир дода мешуд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

# ДАСТИ САХОВАТМАНД БЕҲ АЗ БОЗУИ ЗӮРМАНД

**Дар таърихи давлату давлатдорӣ кам касоне мисли Президент Эмомалӣ Раҳмон ба дунё омадаанд. Ӯ тавонист бо неруи созанда, ақли солим, далерию матонат ва кордониаш миллатро аз вартаи ҳалокат наҷот диҳад.**

Президент Эмомалӣ Раҳмон. Ин номро бештари президентҳои вақту собиқи ҷаҳон ва бисёр сиёсатмадорони сатҳи ҷаҳонӣ боифтихор ва эҳтироми хоса ба забон меоранд. Президент Эмомалӣ Раҳмон ин муҳаббатро сазовор аст.

Президент Эмомалӣ Раҳмон дар ҳақиқат шахсияти бузургу нотакрор буда, нозуктарин санъати сухангӯӣ - ба вақти гуфтан гуфтану ба вақти хомӯшӣ хомӯш буданро хуб омӯхтаанд. Ин гуна санъат на ба ҳар сарвар муяссар гардидааст.

Шайх Саъдии бузург мегӯяд: «Ҳаргиз дуруст нест ва ба ақли соҳибназарон рост намеояд, ки шамшери Алӣ дар ғилоф бошаду забони Саъдӣ дар даҳони ӯ хомӯш бимонад. Яъне, рӯзи ҷанг бо





душман дар ғилоф будани Зулфиқори Алӣ ва дар ком хомӯш мондани забони Саъдӣ, ки ҳар ду ба тавоноӣ ва бурандагӣ машҳуранд, аз рӯи ақлу хирад нест ва қобили қабул намебошанд».

Ин маънӣ он аст, ки Президенти мо низ саъдивор аз номи миллат сухан мегӯянд. Аз номи миллати ориёию озодандеш ва аз минбари Созмони Милали Муттаҳид мегӯянд, зеро Пешвои миллат давомдиҳандаи давлати Ҳахоманишиён ва шоҳони Сомонианд.

Аз ҳама муҳим, Эмомалӣ Раҳмон тавонистанд маҳбубияти халқу миллатро ба даст оранд. Миллат Пешвои худро дӯст медорад ва бо ӯ ифтихор дорад.

Марк Аврелийи бузург мефармояд: «Ҳеҷ неруе қавитар аз неруи муҳаббат ба Ватан вуҷуд надорад». Алҳол ин қувваро Президент Эмомалӣ Раҳмон бо халқу миллат доранд. Мардум низ сарварашро бо амалҳои накӯ дар роҳи халқу Ватан ва бо рафтори шоистаи ҷавонмардиашон дар дилу дида ҷо додаанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доимо аз ғаму дарди миллат огаҳ буда, нисбат ба мушкилоташ ҳеҷ гоҳ бепарво нестанд. Таърихи давлатдории шоҳони қадим ва муосир исбот кардааст, ки дар зиндагӣ кам сарвароне ҳастанд, ки дар вақти тавоноию қудратмандиашон ҳама ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро муваффақона амалӣ карда, мардумро роҳнамоӣ намудаанд. Алҳол Пешвои миллати тоҷикон рамзи озодӣ, истиқлол ва адолатанд.

Суханрониҳои пайдарпайи Пешвои миллат аз минбари баланди Созмони Милали Муттаҳид роҷеъ ба ҳалли проблемаҳои глобалии дунё, дараҷаи баланди инсондӯстӣ ва сатҳи олии ҷаҳонбиниашонро нишон медиҳад. Ҷои ифтихор аст, ки суханрониҳои пурмуҳтавои Президенти маҳбуби мо бо забонҳои гуногуни дунё тарҷума шуда, шуҳрату обруи Тоҷикистонро дучанд мегардонад.

Пешвои миллати мо борҳо хонаи Худоро зиёрат кардаанд ва аз нуру сафо саршор мебошанд. Беҳуда нест, ки Президенти мо Эмомалӣ Раҳмон дар қатори 500 мусулмони шуҳратманди дунё ҷой гирифтаанд ва аз минбарҳои баланди конфронсҳои исломӣ арзишҳои дини мубини исломро ҳимоят мекунанд.

Дар лавҳи турбати Баҳроми Гӯр навишта шуда, ки дасти саховатманд беҳ аз бозуи зӯрманд аст. Пешвои мо низ соҳибкарам аст. Ӯ ҳамчун шахси саховатпеша дар байни халқ ном баровардааст. Мо бояд оини ҷавонмардӣ ва расму шеваи футувватро аз Пешвои миллат омӯзем. Чаро, ки номи пуршарафи ҷавонмардиро бар ивази хатар ба ҷонашон ба даст овардаанд.

Бузургии дигари Пешвои миллат он аст, ки ӯ ҳамеша ситоиши илму дониш ва хоксорию беозориро талқин менамоянд. Ҳеҷ гоҳ ғуруру худписандиро хуш надоранд. Пешвои миллат шеъру шоирӣ ва зиёиёнро самимона дӯст медоранд. Олимону ҳунармандонро навозишу эҳтиром менамоянд. Аз аввалинҳо шуда, фарҳангро ҳастии миллат номиданд ва ба он арҷгузорӣ намуданд.

Зиндагӣ ва фаъолияти Пешвои миллат мароми зиндагонии одамони бошараф ва баору номус аст. Агар аҳамият дода бошед, Президент қобилияту истеъдоди ниҳоят баланди суханварӣ доранд ва ҷаҳониён инро қоил мебошанд. Донишмандони муосири дунё ба рӯҳияи озодихоҳӣ, илмдӯстӣ ва инсонпарварии Президенти мо баҳои баланд медиҳанд.

Қаҳрамони миллии Афғонистон шодравон Аҳмадшоҳи Масъуд муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро самимӣ дӯст медошт. Соли 1995 буд. Дар қарияи Ҷангалаки Панҷшери Афғонистон, аниқтараш дар хонаи шодравон сухан дар бораи сулҳу ваҳдати Тоҷикистон мерафт. Ҳамон солҳои душвор Аҳмадшоҳи Масъуд гуфта буд: «Шумо тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон доред. Тасаввур кунед, мо зиёда аз сӣ сол боз барои сулҳ дар Афғонистон мубориза мебарем. Ин абармарди миллат барои Шумо дар як сол сулҳи бебозгашт овард. Акнун тасаввур кунед, ки Шумо чӣ гуна Пешвое доред. Ин гуна Пешворо ҳама хайрхоҳони ҷаҳон орзу мекунанд».

Эмомалӣ Раҳмон дили бузурги инсонӣ доранд, - гуфта буд Масъуд. - Дар ин дил ҳама мегунҷад. Ӯ охирон тоҷикро ба Ватан баргардонид. Магар ин тавоноию қудратмандии инсон нест? Эмомалӣ Раҳмонро на Шумо тоҷикон, балки тамоми тоҷикони дунё дӯст медоранд. Худо шоҳид аст, ин мард бо ин ақлу заковате, ки дорад, дунёро муассир мегардонад.

Тавре ки Масъуди одамшинос гуфта буд: «Бузургии Эмомалӣ Раҳмон беандоза аст». Имрӯз мо чӣ қадаре, ки дар бораи ин абармарди миллат ва шахсияти дар ҷаҳон эътирофшуда нависем, кам аст. Вале дар камии мо самимияту ихлосу меҳрубониҳои зиёде ба Пешвоямон нуҳуфта аст.

Ҳар нафаре, ки сарнавишти печидаи халқи тоҷикро медонад, дар паҳлуи ин шахсияти Худодод фаъолият карда, заҳматҳои шабонарӯзӣ ва созандаи ӯро мебинад, хуб эҳсос менамояд, ки мо на ҳамаи воқеият ва дурнамои амалҳои ин симои таърихиро дарк намудаем.

Бешак, тасвири симои шахсе, ки халқи беш аз ҳазор сол аз саҳнаи таърих дурафтодаро аз сари нав ҳамчун миллати соҳибдавлат ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ ворид кард, халқи гирифтор дар гирдоби нобудиро наҷот дод, ҷон дар кафи даст душманонро ба оғӯш кашид, ҷинояткоронро авф кард, гурезаҳоро ба Ватан баргардонид, ба миллати мотамзада ваҳдат, субот, амният овард, ҳама доруӣ, қудрат ва сиёсатро дар хизмати инсон вогузор намуд, пояи давлатдориро аз сифр, ҳуқуқро бо ғояҳои анъанавию миллӣ тарҳрезӣ кард, низоми молияро аз хазинаи холии барғоратрафта, лашкарро бо фармондеҳони кироя бунёд намуд, неъмати озодиву соҳибдавлатиро барои ташнагони беш аз ҳазорсола эҳдо кард, садои модари тоҷикро ҳамчун модари миллати соҳибдавлат то ба созмонҳои байналмилалӣ расонд, мардуми парешонро атрофи дастархони сиёсии миллат муттаҳид кард, дар харитаи сиёсии ҷаҳон давлатеро бо номи Тоҷикистон сабт намуд, дуруст гуфтаанд, ки кори як минбар, як маърӯза ва ҳатто як китоб ҳам нест. Ҳақиқат ин аст, ки нобиғаҳо дар як замон зиндагӣ мекунанд, вале рӯҳ ва ғояҳояшон таърихи ояндаро комил месозанд.

Барои ин ҷониб мояи ифтихор аст, ки бо чунин шахсияти таърихӣ муддатҳо паҳлу ба паҳлу кор ва фаъолият кардаам. Аз ин рӯ, бо амри дил, ҷиҳати инъикоси қисме аз воқеият, ифшои чанд сабақе, ки дар вазнинтарин ҳолатҳои зиндагии халқ аз ин шахсияти таърихӣ гирифтаам, баён намоям.

Дар замоне, ки касе ба як соатиояндаи зиндагӣ бовар надошт, дар шароите, ки модар баргаштани фарзанд ва ё зан шавҳари барои нон ба мағоза рафтаашро бо сад гумону хаёл интизорӣ мекашид, дар лаҳзаҳое, ки садои тиру туфанг нолаи модарону гиряи кӯдаконро пахш карда буд, дар он рӯзгоре, ки адлу инсоф, дӯстию муҳаббат, садоқату ҳақиқатро беинсофию нобаробарӣ, хиёнату чоплусӣ, номардию тӯҳмат гулӯгир карда буд, ӯ масъулияти роҳбариро бар дӯш гирифта, умед ва боявариро ба сулҳу ваҳдат дар дили мардум ҷо намуд.

Ӯ ҳанӯз баъд аз 23 рӯзи савганди таърихиаш, моҳи декабри соли 1992, дар Муроҷиатнома ба халқи шарифи Тоҷикистон гуфта буд: «Бародарон ва хоҳарони азиз! Ҳамватанони муҳтарам! Ман ба ҳар яки шумо дар давраи барои Ватан хеле душвор муроҷиат карда, ба ақлу заковати шумо, ки ворисону фарзандони барӯманди тоҷик ҳастед, бовар мекунам. Ман қасам ёд мекунам, ки тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона карда, барои гулгулшукуфии Ватани азизам садоқатмандона меҳнат мекунам. Барои ноил шудан ба ин нияти муқаддас, агар лозим шавад, ҷон нисор мекунам, чунки ман баояндаи неки Ватанам ва ҳаёти хушбахтонаи халқи азияткашидаам бовар дорам».

Роҳбар на танҳо ба қасамаш содиқ буд, балки ҷиҳати иҷрои он фидокорона кӯшиш кард, ин вазифаи муқаддасро ҳеҷ гоҳ фаромӯш накард. Дар замоне, ки як ҳиссаи шаҳрвандони мамлакат дар хориҷи кишвар буданд ва дили модари тоҷик барои фарзандон гум мезад, ӯ худро норохат ҳис мекард. Ӯ ҳамчун роҳбари давлат то расидан ба ваҳдати миллӣ оромиро эҳсос намекард, рӯҳаш барои зиндагии нотинҷи кишвар, сӯхтану бетартибиҳои яроқбадастон азият мекашиду қалбаш ба аҳволи мардуми фирорӣ месӯхт. Дар чунон ҳолати тоқатфарсо пайваста ба мардуми фирорӣ мегуфт: «Ҳамдиёрони азиз, ба Ватан баргардед! Ба шумо кӯҳи тилло ваъда намедиҳам, аммо як пора ноне, ки дорем бо ҳам мехӯрем». Бо чӣ гуна дард ва бо чӣ самимият гуфта мешуданд ин суханҳо.

Ҳамон самимият ва муҳаббат буд, ки як миллион гуреза ва муҳоҷири иҷборӣ ба ҷои зисти аввалаашон баргардонда шуданд, 36 ҳазор хонаи пурра ва ё қисман харобгашта дар муддати кӯтоҳ пурра барқарор шуд.

Бузургон дуруст гуфтаанд: «Ҳама кор бо ният алоқаманд аст». Нияти ӯ, мароми ӯ нек буд, ки ҳама ба некӣ анҷомид. Ӯ қадам ба қадам, ҳар лаҳза ва ҳар замон ба умеди ваҳдат, ба нияти субот фикр мекард, ҳарф мезад, амал мекард ва аз худию бегона, аз рӯҳи гузаштагону Офаридгори замину осмон талаби тинҷию оромии кишварро менамуд. Ин ҳамаро мо на танҳо медидему мешунидем, балки бо қалбу рӯҳ дарк мекардем ва аз ин мактаб дарс ва ҳадиси ватандорӣ меомӯхтем.

Ӯ ба суханаш содиқ, ба ваъдааш устувор буд ва ба амалаш муҳаббат дошт, ки тавонист бузургтарин неъмат - умед ба зиндагии осоиштаро дар дили мардум ҳифз карда, халқро аз парокандагӣ, миллатро аз нестшавӣ ва давлатро аз завол наҷот диҳад.

Бидуни тамаллуқ ва манфиате, ба хотири баёни ҳақиқат ва иҷрои рисолати инсонӣ ин лаҳзаҳо таърихи пурфоҷиаи миллатро бо садои парокандаи фарзандони барӯманди халқи тоҷик, ки дар замони бедавлатӣ ба бедавлатон давлатдорӣ омӯхта, ба бефарҳангон фарҳангу адаб дода, бо мушти хоку забони шевои ашъори гуҳарбори тоҷикӣ дар паҳнои олам берун аз Ватан бо орзую омоли ватандорӣ дар ғарибӣ чашм ба хоби абад рафтаанд, пеши назар меорем.

Мактаби сиёсии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дарси ибрати ваҳдати миллии ӯ, давлатсозию ҳадиси ватанпарастии ин шахси таърихӣ барои халқи азиятдидаи мо сарчашмаи худогоҳӣ, хазинаи худшиносӣ ва ганҷинаи эҳсоси баланди миллатдӯстист, ки ба қадри он расидан, номи асосгузори онҳоро гиромӣ доштан ва роҳи интихобкардаи ӯро ҳифз карда, идома додан қарзи инсонии ҳар соҳибватан буда, эҳтиром ба роҳи таърихии муборизаи халқи тоҷик барои истиқлолият, қадршиносӣ аз давлати миллӣ, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявии Тоҷикистон аст.

Миллате, ки таърих ва бузургони гузаштаи худро қадр мекунад, саодатманд аст, вале бузургтару саодатмандтар, ба қавли хирадмандон, миллатест, ки ба қадри бузургон ва қаҳрамонони зиндааш мерасад.

Илми таърихи сиёсӣ - иҷтимоӣ ва таҷрибаи давлатҳои мутамаддин собит менамоянд, ки давлатҳои гузаштаю имрӯза хизматҳои содиқона, созанда ва тақдирсози чунин фарзандони қаҳрамони худро мадди назар гирифта, ҳанӯз дар айёми дар қайди ҳаёт буданашон бо мақсади нигоҳ доштани меросияти таърихӣ ва рушди бонизоми ҷомеа ва давлат, симо ва шахсияти онҳоро ҳамчун қаҳрамон, пешво ва падари миллат ва давлатҳо эътироф кардаанд.

Соҳаҳои гуногуни илм низ аз ҷанбаҳои гуногун хизматҳои воқеии онҳоро қадршиносӣ карда, таъсири нек ва қавии чунин симоҳоро дар масири таърих барои рушд, ваҳдат ва пешрафти миллату ҷомеаҳо ёдрас шуда, шинохт ва эътирофи онҳоро ба ҳайси «Пешвои миллат», «Падар - бунёдгузори давлат» ва монанди инҳо ба фазои илмҳои сиёсатшиносӣ ва ҷомеашиносӣ ворид кардаанд.

Ин нуктаро мо бояд ҳеҷ гоҳ аз хотир набарорем.

---

**Саидмурод ФАТТОҲЗОДА,**
**раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот,**
**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# САҲМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАШАККУЛИ НИЗОМИ ҲУҚУҚИИ ТОҶИКИСТОН

**(Идома аз саҳ. 1)**

Танҳо соли 1992 ба Конститутсияи Тоҷикистон даҳ маротиба тағйиру иловаҳо ворид карда шуда буданд. Аз тарафи дигар, таҷрибаи давлатдории ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки бе устувории Конститутсия таъмини устувории раванди сиёсӣ ва пойдории давлат номумкин аст. Роҳбари давлат ин масъаларо чунин ба миён гузошта буданд: «Бе қабули Конститутсияи нав ва дар асоси он муайян намудани сиёсати ҳуқуқии кишвар ва барқарор намудани сохторҳои фалаҷшудаи ҳокимияти давлатӣ пешравии ҷомеаро таъмин кардан, муайян намудани сиёсати мутавозини дохиливу хориҷӣ ва ҳимояи манфиатҳои сиёсиву иқтисодии кишвар ғайриимкон буда, давлат ва ҷомеаи мо дар ҳар қадам ба душвориҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву маънавӣ рӯ ба рӯ мегардад».

Талош ва ташаббуси Пешвои миллат барои таҳия ва қабули аввалин Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва фаъолияти минбаъдаи ӯ барои такмил ва татбиқи амалии ин санади таърихӣ корномаи бузург аст, ки барои дарки дурусти он ба чор самти асосии фаъолияти Пешвои миллат таваҷҷуҳ кардан хеле муҳим аст:

**Самти якум,** саҳми Пешвои миллат дар ташкил ва роҳбарии бевоситаи раванди таҳия ва қабули Конститутсияи навини Тоҷикистони соҳибистиқлол.

Аввалин нуктаи муҳим дар ин самт он аст, ки Пешвои миллат раванди таҳия ва қабули Конститутсияро дар шакли бисёр шаффоф ва демократӣ ба роҳ гузоштанд. Чунки мувофиқи Конститутсияи Тоҷикистон соли 1978 Шӯрои Олии Тоҷикистон ҳуқуқи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Конститутсияро доро буд, лек баръакси ин, Эмомалӣ Раҳмон ба ташкили таҳия ва муҳокимаи умумихалқии Конститутсия ва қабули он аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ таъкид варзиданд. Барои ҳар чӣ шаффоф ва демократӣ идома ёфтани ин раванд, бо дастури Сарвари давлат ҳамзамон се гурӯҳи мустақили корӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Конститутсия таъсис ёфт, ки амали бесобиқа буд. Илова бар ин, Эмомалӣ Раҳмон шахсан он равандро зери назорат гирифта, пайваста таъкид менамуданд, ки дар Конститутсияи навин бояд ҳар як пешниҳоди мардум ва орзуву омоли ҳар як қишри ҷомеаи мо ба назар гирифта шавад. Қобили зикр аст, ки дар он раванди таърихӣ аз тарафи мардум ба гурӯҳҳои корӣ беш аз ҳаштуним ҳазор таклифу пешниҳод расида буданд, ки худи ҳамин миқдори бузурги таклифу пешниҳод ифодагари иштироки фаъоли оммаи халқ дар он раванди сарнавиштсоз мебошад. Пешвои миллат он лаҳзаҳои таърихиро дар суханрониҳояшон чунин ёдоварӣ намудаанд: «Қабули Қонуни асосии кишвар, ки аслан бо назардошти андешаву пешниҳоди сершумори мардуми шарифи Тоҷикистон таҳия гардидааст, танҳо ба шарофати кӯшишу талошҳои халқи тоҷик дар роҳи эъмори давлатдории навин муяссар гардид. Аз ин лиҳоз, қабули ин санад дастоварди бузурги миллии мо ба шумор меравад».

Хусусияти дигари муносибати ӯ бо раванди таҳияи Конститутсияи навини Тоҷикистон дар он буд, ки гурӯҳҳои корӣ бояд таҷрибаи беҳтарини ҷаҳонӣ дар самти конститутсионализмро ҳамаҷониба омӯхта, дар фаъолияти кориашон дастовардҳои олитарини башарӣ дар ин самтро фаро мегирифтанд. Пешвои миллат масъаларо чунин гузоштанд, ки хусусан, дар боби сохтори давлатӣ, фаъолияти шохаҳои ҳокимият, ташаккули институтҳои асосии давлатдорӣ, таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол бояд ҳамрадифи конститутсияҳои давлатҳои пешрафтатарини ҷаҳон бошад. Илова бар ин, беҳтарин мутахассисони сатҳи байналмилалӣ низ ба кори арзёбӣ ва экспертизаи ин санад ҷалб карда шуданд.

**Самти дуюм,** саҳми Пешвои миллат дар ташаккули мазмун ва меъёрҳои Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол.

Аъзои гурӯҳҳои кории таҳияи матни Конститутсия дар ёддоштҳояшон хотирнишон кардаанд, ки Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Сарвари давлат дар шаклгирии мазмун ва меъёрҳои усулии Конститутсия низ саҳми таърихӣ доштанд. Ҳарчанд бисёре аз аъзои гурӯҳ ходимони собиқадори давлатӣ, ҳуқуқшиносони касбӣ ва олимону муҳаққиқони соҳаи илмҳои сиёсӣ ва ҳуқуқ буданд, аммо зимни нишастҳои корӣ Эмомалӣ Раҳмон идеяҳо, арзишҳо, меъёрҳо ва механизмҳоеро пешниҳод мекарданд, ки бо дурандешона ва амалгароёна буданашон фарқ мекарданд. Масалан, матни моддаи 1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тамоми мазмун ва моҳияти давлатдории миллии моро ифода мекунад, бевосита аз тарафи Сарвари давлат ба миён гузошта шудааст. Он меъёрҳои усулие, ки дар ин модда сабт шудаанд, ҳанӯз дар аввалин суханронии Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми интихоб гардиданашон ба ҳайси роҳбари Тоҷикистон дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд садо дода буданд. Маҳз дар он лаҳзаи таърихӣ Эмомалӣ Раҳмон боқатъият эълон карданд, ки ҷонибдори давлати демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёд мебошанд. Маҳз ҳамин идеяи Эмомалӣ Раҳмон аввалин хишти Конститутсияи навини Тоҷикистони соҳибистиқлол буда, он батадриҷ такмил ёфта, ба меъёри муайянкунандаи модели давлатдории миллии муосири тоҷикон табдил ёфт. Ҳоло бо гузашти замон, бо андозагирӣ дар маҳаки таҷриба дармеёбем, ки интихоби ин меъёрҳо ва ин модели давлатӣ то чӣ андоза интихоби дуруст, муҳим ва барои миллат ва давлат сарнавиштсоз будааст.

Аз меъёрҳои бунёдии дигаре, ки дар раванди таҳияи Конститутсияи навини Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон рӯи он таъкид ва пофишорӣ намуданд, дар сатҳи конститутсионӣ ҳифз шудани моҳияти иҷтимоии давлат буд.

**Самти сеюм,** саҳми Пешвои миллат дар анҷоми ислоҳоти конститутсионӣ ва такмили низоми ҳуқуқии миллӣ.

Моҳияти ин самт дар он зоҳир мегардад, ки пас аз қабули Конститутсияи навини Тоҷикистон бояд тамоми қонунгузории мамлакат пурра ба меъёрҳои он мутобиқ карда, қабули маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ - ҳамчун омили ташаккули низоми ҳуқуқии миллӣ анҷом дода мешуд. Ин вазифаи моҳиятан мушкил ва кори ҳаҷман бузурге буд, ки дар таърихи давлатҳои классикии мутамаддин маъмулан чанд даҳсола ва ҳатто садсоларо дар бар мегирад. Аммо хурсандиовар аст, ки ба парламент ва Ҳукумати мамлакат муяссар шудааст, ки дар фурсати кӯтоҳ низоми ҳуқуқии кишварро ташаккул диҳанд.

Ҳамин тавр, зери роҳбарии Пешвои миллат дар заминаи Конститутсияи навини Тоҷикистон ислоҳоти амиқи қонунгузорӣ сурат гирифт. Қайд кардан бамаврид аст, ки алҳол ин низоми мустақили ҳуқуқӣ дар асоси Конститутсияи мамлакат, 17 қонуни конститутсионӣ, 23 кодекс, 16 қонуни авф, 2 қонуни авфи амвол ва 2 қонуни авфи шаҳрвандон бинобар қонунигардонии маблағҳояшон, 30 қонуни буҷет, 17 санади ҳуқуқии байналмилалии бисёрҷониба, 51 конвенсия, 964 шартнома ва созишномаҳои байналмилалӣ, 369 қонуни соҳавӣ ва зиёда аз 17 ҳазор қарорҳои Ҳукумат қомат афрохтааст. Дар ин миён 3 кодекс ва зиёда аз 110 санади қонунгузорӣ вазифаҳои даврии худро иҷро карда, аз эътибор соқит дониста шуданд.

Бинобар он ки ба қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулшуда имзои Роҳбари давлат гузошта мешавад, аз назари илми ҳуқуқшиносӣ ва техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ӯ ба таври табиӣ тарҳрезандаи низоми ҳуқуқии кишвар ба ҳисоб меравад. Аммо таҷрибаи ин давра нишон медиҳад, ки таваҷҷуҳи Президенти мамлакат ба масъалаҳои ҳуқуқӣ аз дигар субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ камтар набуда, бо ташаббус, пешниҳод, эрод ва идеяҳои сершумораашон дар раванди такмили қонунгузорӣ саҳми бевосита гузоштанд, ки ин ҳама барои ҳимояи манфиатҳои мардум равона гардидааст.

Чунончи, танҳо дар давраи солҳои 2015-2022 аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерин, аз ҷумла Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 23 июли соли 2016, № 1329), Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 18 марти соли 2022, № 1852) ва Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон қисмҳои якум, дуюм ва сеюм (бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 июни соли 2022 дар хониши якум қабул гардид), тағйиру иловаҳо ба қонунҳои конститутсионӣ - 6, тағйиру иловаҳо ба кодексҳо - 5, тағйиру иловаҳо ба қонунҳои ҷорӣ - 9, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» - 2, созишномаҳо - 243, конвенсияҳо - 8, ёддоштҳо - 3, шартномаҳо - 12, қарордод - 2, протокол - 23 адад пешниҳод шудаанд, ки барои расидан ба ҳадафҳои стратегии Ҳукумати мамлакат ва ташаккули низоми ҳуқуқии миллӣ равона гардидаанд.

Ҳамин тавр, зери роҳбарии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон як раванди бисёр муҳим ва мураккаби таърихӣ, яъне ислоҳоти амиқи конститутсионӣ ва миллишавии низоми ҳуқуқии кишвар пурра анҷом ёфт. Бо ин хидмати бузурги таърихӣ Пешвои миллат ба давлатдории миллии мо моҳият ва ҳастии ҳуқуқӣ бахшида, шакли ҳуқуқии Тоҷикистони соҳибистиқлолро ҳамчун кишвари аз назари ҳуқуқӣ мустақил ба вуҷуд оварданд.

**Самти чорум,** саҳми Пешвои миллат дар татбиқи амалии ҳадафҳо ва меъёрҳои Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол.

Моҳияти ин самти фаъолияти Пешвои миллат дар он аст, ки ӯ дар таърихи давлатдории миллии мо на танҳо ҳамчун ташаббускори қабули Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол, балки ҳамчун татбиқкунандаи амалии ин санади таърихӣ шинохта мешавад. Таҷриба нишон медиҳад, ки ҳарчанд қабули чунин Конститутсияи мукаммал кори осон набуд, аммо дар амал татбиқ кардани он вазифаи боз ҳам душвортар будааст. Дар ин кор рӯ ба рӯи Пешвои миллат чанд мушкили ҷиддӣ меистод. Аввалан, солҳои аввали татбиқи Конститутсия дар шароити мураккаби сиёсию низомӣ идома ёфта, дар кишвар низои дохилӣ давом дошт. Дар чунин шароит раванди татбиқи амалии сохтори давлати миллии тоҷикон бояд ҳамзамон бо анҷоми музокироти бисёр печида барои дастёбӣ ба сулҳ ва ваҳдати миллӣ идома меёфт. Аз тарафи дигар, элитаи сиёсӣ ва идории кишвар, ки асосан дар шароити ҷомеаи шӯравӣ ташаккул ёфта буд, дар татбиқи меъёрҳои ҷомеаи демократӣ таҷрибаи амалӣ надошт. Бинобар ин, баъзан ташаббусҳои пешқадами Пешвои миллат дар дохили худи элитаи сиёсӣ бо мушкилот рӯ ба рӯ мешуд. Душвории дигар дар он буд, ки кишварҳои дигар барои татбиқи амалии ин арзишҳои давлати демократӣ, дунявӣ, ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ даҳсолаҳо ва садсолаҳоро сарф намуда буданд, аммо Тоҷикистон бояд ин марҳиларо дар фурсати кӯтоҳ мегузашт. Ҳамин тавр, дар чунин шароити печида татбиқи меъёрҳои нави конститутсионӣ дар як ҷомеаи пасошӯравӣ аз Роҳбари давлат заҳмат, талош ва ҷасорати махсусро талаб мекард. Хушбахтона, Пешвои миллати мо аз уҳдаи ин вазифаи таърихӣ низ ба хубӣ баромаданд.

Имрӯз мафҳумҳое чун волоияти қонун, давлати демократӣ, давлати ҳуқуқбунёд, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, моликияти хусусӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, матбуоти озоду мустақил, парламенти касбӣ, судҳои мустақил ва даҳҳо мафҳуми дигар, ки башарият онро дар тӯли асрҳо бо мубориза ба даст овардааст, барои ҷомеаи мо мафҳумҳои бисёр ошно ва маъмулӣ гардидаанд. Пас, метавон хулоса кард, ки аз назари татбиқи амалии меъёрҳои ҷомеаи ҳуқуқбунёд ва демократӣ, мамлакати мо зери роҳбарии Пешвои миллат ҷаҳиши беназири таърихиро анҷом додааст.

Омӯзиши ҳамаҷонибаи мавзӯъ нишон медиҳад, ки саҳми Пешвои миллат дар ташаккули низоми ҳуқуқии миллӣ, аз ҷумла ташкил ва роҳбарии бевоситаи раванди таҳия ва қабули Конститутсияи навини Тоҷикистони соҳибистиқлол, ташаккули мазмун ва меъёрҳои Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол, анҷоми ислоҳоти конститутсионӣ ва такмили низоми ҳуқуқии кишвар, татбиқи амалии ҳадафҳо ва меъёрҳои Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол беандоза бузург буда, гувоҳи онанд, ки Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ташаббускор, бунёдгузор, ҳомии қавӣ ва татбиқкунандаи амалии нахустин Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамчун омили асосии ташаккули низоми ҳуқуқии миллӣ мебошанд.

# ПАЙВАНДГАРИ ДИРӮЗУ ИМРӮЗ ВА РАҲНАМОИ ФАРДОИ МИЛЛАТ

**(Идома аз саҳ. 1)**

Дар шароити нобасомон ва хатарзои сиёсӣ, ки бар асари ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ба вуҷуд омада буд, ба сари кор омадан ва ба таври таъҷилӣ сару сомон додани бенизомиҳои сиёсию иҷтимоӣ ҷуръати хосаро тақозо менамуд. Бар мабнои сифатҳои ҳамидаи инсонию ахлоқӣ ва таҷрибаи шахсӣ, аз ҷумла маҳорат, матонат, ҳиммат, ҷасорат, садоқат, фазилат, шарофат, масъулиятшиносӣ, оянданигарии сиёсӣ, меҳандӯстӣ, мардумпарварӣ, самимият ва муҳаббати маҳз Эмомалӣ Раҳмон буд, ки дар муддати кӯтоҳи таърихӣ муҳимтарин дастоварди миллӣ - сулҳу субот, амнияту ҳамбастагӣ, ваҳдат ва оромиши иҷтимоиро дар кишвар фароҳам овард.

Маълум аст, ки сохтор ва дастгоҳи нотавоншудаи давлатӣ, ки нимаи дуюми моҳи ноябри соли 1992 ба Сарвари давлати тоҷикон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мерос монд, на тармим, балки эҳё ва навсозиро талаб мекард. Ба таъбири дигар, Роҳбари давлат бояд ба давлат ва ҳукумати ба тақозои замон ҷавобгӯ аз диди ҳуқуқӣ ва амалӣ замина мегузошт.

Раҳонидани Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вартаи ҷанги шаҳрвандӣ, наҷоти миллат аз нобудию завол, хунсо кардани нақшаҳои шуми бозингарони сиёсии минтақавӣ ва байналмилалӣ, барқарор кардани хоҷагии халқи ҷумҳурӣ, таъмини амнияти озуқаворию энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, таҳияи заминаи рушди устувори кишвар, билохира, таҳкими асосҳои давлати миллӣ силсилаи иқдомеанд, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси Раиси Шӯрои Олӣ, минбаъд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Пешвои миллат аз Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ шурӯъ карда, то ба имрӯз анҷом додаанд.

Эмомалӣ Раҳмон кафили ваҳдати миллию истиқрори сулҳ дар ҷомеаи мо гардида, ба ин васила арзишмандтарин дастоварди миллатро дар тӯли ҳазорсолаи охир, ки он давлати соҳибистиқлоли миллӣ буду ба сабаби ҷанги шаҳрвандӣ дар марҳилаи завол қарор дошт, ҳифз карда, таҳким бахшиданд.

Аз ин рӯ, Пешвову қаҳрамони миллат он касест, ки барои миллат шукӯҳу сарафрозӣ ва мақому манзалат ато карда, дар лаҳзаҳои ноумедию шикаст ва парокандагӣ миллатро наҷот бахшидааст ва инчунин, Ватанро аз вартаи хорию зиллат раҳонидааст. Пешвову қаҳрамон он аст, ки дар ин роҳ фидокорона талош мекунад ва барои расидан ба ин ҳадаф омодаи ҷоннисорист. Эмомалӣ Раҳмон маҳз ҳамин гуна фарзанди ҷоннисори халқу Ватан аст.

Хидмате, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои миллати тоҷик ва ҳифзу таҳкими истиқлоли сиёсию давлатдории он анҷом дод, воқеан ҳам, сарнавиштсоз ва хеле арзишманд аст. Фаъолияти созандаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои бақои имрӯзуояндаи миллат ҷойгоҳи устувору мондагоре эҷод намуд. Дар ин хусус бамаврид гуфтаанд:

**Покмардо, он чӣ гӯям, камтарин тасвири туст,**
**Ҳар чӣ мо имрӯз дорем, аз раҳи тадбири туст!**

Баъд аз таҳкими Ваҳдати миллӣ ва таъмини амну суботи сиёсӣ бо заҳматҳои бардавому тадбиру чораҷӯиҳои муассир ва барномарезиҳои давлатӣ заминаи рушди устувори иқтисодии кишвар ва беҳдошти рӯзафзуни иҷтимоии аҳолӣ гузошта шуд.

Дар робита ба татбиқи нишондодҳои Сарвари давлат оид ба афзоиши неруи истеҳсолию тавлидотии кишвар, рушди босуботи соҳаҳои иқтисодиёт, раванди тадриҷии саноатикунонии босуръати мамлакат, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, таҳаввулоти соҳаи маориф, таваҷҷуҳ ба тарбияи неруҳои зеҳнии ҷомеа, беҳдошти вазъи иҷтимоии мардум, инчунин, суръати бунёдкориву созандагиҳо дар шаҳру навоҳии кишвари соҳибиқболамон ва дигар нишондиҳандаҳои марбута бо боварии комил метавон гуфт, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишвари мутараққӣ ва ободу зебову нозанине табдил ёфтааст.

Хулласи калом, Пешвои раҳнамою хирадманди мо - тоҷикон соҳибватани тавонманд, сарфарозу асилзодае мебошанд, ки дар ҳама ҷанбаҳо нияту амали нек доранд, ботадбиру дурандешанд ва бо ин гуна хислатҳои наҷиб миллати фарҳангсолори тоҷикро ба сӯи фардои дурахшон ва босаодат хоҳанд бурд, зеро рӯҳи матин ва ифтихору ғурури миллии тоҷикона ин шахсияти нотакрорро ҳамвора мададгор аст.

Умед дорем, ки таҳти роҳбарии хирадмандонаи Пешвои миллат дар кишвари мо пояҳои давлатдории миллӣ беш аз пеш таҳким хоҳад ёфт ва мардуми сарафрози тоҷик ба дастовардҳои боз ҳам бештару назаррастар ноил хоҳад гашт.



**Забони тоҷикӣ роҳи дарози таърихро бо шебу фароз ва печу гардишҳои зиёд тай намудааст. Он бо шевоӣ ва ширинӣ ҳазорсолаҳо забони давлатдорӣ, ҳуҷҷатнигорӣ ва хонаводагии сулолаҳо буд. Маҳз Истиқлолияти давлатӣ шукӯҳу шаҳомати қадимии забони тоҷикиро эҳё намуда, онро бар маснади давлатӣ нишонд. Тайи солҳои соҳибистиқлолӣ, воқеан, забони тоҷикӣ рушди бесобиқа намуда, мақоми иҷтимоӣ ва ҳуқуқиро дар ҷомеа пайдо кард, ҳамчун омили асосии ҳамбастагии миллатҳо ва халқиятҳои кишвар эътироф шуд ва дар арсаи байналмилалӣ мақоми хосаро касб кард.**

# Эмомалӣ РАҲМОН: «ЗАБОНИ МИЛЛӢ СИМО ВА ПАЙКАРИ МИЛЛАТИ МО МЕБОШАД»

**МАТРОБИЁН**
**Саодатшо Қосимзода,**
**вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсент**

**Таҳти** сиёсати оқилонаву хирадмандонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон забони тоҷикӣ бо пазириш ба мақоми давлатӣ ҳоло ба ҳайси забони сиёсат, қонунгузорӣ, илму маориф, фарҳанг, равобити дипломатӣ, тиҷорат ва дигар воситаҳои иртибот амал мекунад.

Қонунгузорӣ ва ё эҷоди қонунҳо дар парламенти касбӣ тавассути забони давлатӣ амалӣ мегардад. Аммо, наметавон, пеш аз ҳама, аз нақши Пешвои миллат дар робита ба ин самт ва кӯшишҳояшон дар қабули санадҳои муҳими сарнавиштсоз доир ба забони давлатӣ хотиррасон нашуд.

Қобили ёдоварист, ки 22-юми июли соли 1989 Иҷлосияи даҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон «Қонуни забон» - ро қабул кард, аммо он аз нуқсонҳои сиёсие иборат буд, ки масъалаҳои бисёр муҳими нигоҳдорӣ ва ҳифзи забони тоҷикӣ ва риояи меъёрҳо, ки барои инкишоф ва рушду нумӯи забон бояд такони ҷиддӣ мебахшид, сарфи назар шуданд. Ҳамчунин, ҷиҳати иҷрои муқаррароти қонун фишанги сиёсие дар ҳамон давр вуҷуд надошт ва танҳо ба хотири ором намудани мардуми шӯрида, ки барои истиқлолияти забон сар бардоштанд, қабул гардид.

Пешвои миллат дар ин мавриди таъкид мекунанд: «Ҳамчунон ки мо дар соҳаҳои дигари ҳаёти иҷтимоиву сиёсӣ ва иқтисодӣ гирифтори мушкилот будем, дар арсаи забон низ душворӣ ва вазифаҳои мо камтар аз он набуданд».

Албатта, ба маҷрои муайян даровардан ва муҳайё намудани шароити мусоид барои рушди забони давлатӣ дар ҳамон вазъияти мушкили сиёсӣ кори басо душвор буд, ки инро на ҳама ҳис мекарданд ва на ҳама медонистанд. Чунон ки маълум аст, бо ба даст омадани истиқлолияти забон «забондӯстон»-и зиёд ба майдони забони тоҷикӣ ворид гардида, дар майдони «истилоҳофариниву калимасозӣ» аспи қудрат меронданд. Маҳз дар ҳамон давра калимаҳои зиёди нофаҳмои забонҳои бегона ба забони тоҷикӣ ворид гардиданд, ки то ҳол забони шевою ширини тоҷикиро ранҷу озор медиҳанд.

Ба монеаҳои сунъӣ нигоҳ накарда, бо пешниҳоди Роҳбари давлат Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор аз 4-уми ноябри соли 1995 таҳти №142 «Доир ба тамдиди «Тадбирҳо оид ба иҷрои Қонуни забони ҷумҳурӣ» қабул кард, ки тибқи он, муддати давраи гузариш дар татбиқи Қонуни забон то соли 1999 муайян шуд.

Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 октябри соли 1997 тасдиқ гардидани «Барномаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба тавсеа ва рушди забони давлатӣ ва забонҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон», 3 сентябри соли 1998 қабул гардидани таҳрири нави имлои забони тоҷикӣ, ки амалӣ гардида истодаанд, бешубҳа, ба таҳкими мавқеи забони давлатӣ ва забонҳои дигари кишвар мусоидат мекунанд.

Ҳамин тавр дар ибтидои асри XXI бо ташаббуси Пешвои миллат забони тоҷикӣ ба марҳилаи нави рушду инкишоф ва густаришу такомули бемайлон дар ҷаҳони мутамаддин, ки пайваста бо навгониҳои технологияи иттилоотӣ ва вусъати босуръати техника рӯ ба рӯ мегардад, ворид гардид. Бамаврид аст, ки гуфтаҳои Пешвои миллатро дар робита ба ин масъала ёдовар шавем: «Дар ин марҳалаи на чандон тӯлонӣ мақом ва эътибори забони тоҷикӣ ба андозае боло рафт, ки дар давоми чандин даҳсолаи асри XX ба ин андоза инкишоф наёфта буд. Дар давраи Истиқлолияти ҷумҳурӣ ягон дастоварди илму фарҳанг, равандҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва маънавии халқи тоҷикро бе иштироки забони давлатӣ тасаввур кардан мумкин нест. Гуфтори тоҷикӣ дар ҳама маҷлису маъракаҳо эътибору эҳтиром пайдо кард, рушди забон дар маҷмӯъ, ба рушди маънавиёти ҷомеа мусоидат намуд. Истилоҳу қолабҳои нави забон, ки як вақтҳо боиси талошҳои тӯлонӣ буданд, тавре ба муошират ва муросилоти хаттӣ ворид гардиданд, ки ҳамаи онҳо ба ҳусни баён, фасоҳату балоғати забон вусъат бахшиданд».

Эҳтирому арҷгузорӣ ба забони куҳанбунёди тоҷикӣ муқаддимаи марҳилаи дигаре буд, ки забони давлатӣ ба он ворид гардид ва ин консепсия дар баромаду суханрониҳо ва номаҳои табрикотии Пешвои миллат садо медиҳанд.

Пас аз касби Истиқлолияти давлатӣ бо ин забон санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, созишномаҳо ва қарордодҳои муҳим таҳия ва тарҷума мегарданд. Президенти маҳбуби кишвар аз минбарҳои бузургу муътабари ҷаҳонӣ ба забони тоҷикӣ сухан мегӯянд. Сарвари давлат забонро «нишонаи асосӣ ва муайянкунандаи асолату ҳувияти миллат» номида, таъкид намудаанд, ки «забони мо баёнгари сарнавишти мо, мояи ифтихору сарфарозӣ ва пойдевори ваҳдати ҷовидонаи миллати мост». Дар баробари ин, ифтихори мо аз забони модарӣ бояд яке аз нишонаҳои фарҳангу маънавиёти баланди мо бошад, зеро мегӯяд Пешвои миллат: «Забони ҳар миллат ёдгории азизест, ки решаи он аз сарчашмаи чандин наслҳои нажоди ӯ об хӯрда, мояи ифтихору худшиносии наслҳои баъдина мегардад. Масалан, ба забони тоҷикӣ, ки забони расмии давлати мо мебошад, илму адабиёти хаттие мавҷуд аст, ки таърихи дуҳазорсола дорад.



Ифтихори забон, аз донистани забони адабӣ оғоз мегардад».

Ду масъалаи зикршуда, яке, эҳтиром ба забони миллӣ ва давлатӣ ва дигаре, ифтихор аз забони тоҷикӣ масъалаҳои муҳим буданд, ки дар даҳсолаи аввали асри XXI Пешвои миллат батакрор аз онҳо шаҳрвандони кишвар ва соҳибзабононро ҳушдор медоданд. Ҷиҳати боз ҳам мустаҳкамтар намудани ҳисси ифтихор ва посдорӣ аз забони миллӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳаждаҳумин солгарди Рӯзи забон 21-уми июли соли 2007 суханронӣ намуда, соли 2008 - умро «Соли забони тоҷикӣ» эълон намуданд.

Дар самти дурнамои инкишофи забони давлатӣ Пешвои миллат зарурати бозбинии Қонуни забонро, ки дар даврони Иттиҳоди Шӯравӣ дар асоси ғояҳои сиёсӣ ва андешаҳои ҳамон замон таҳия шуд, ба миён оварданд: «Илова бар ин, қабули ҳар чӣ зудтари қонуни нав дар бораи забон, ки аз ҷониби Ҳукумат таҳия шуда, ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод гардидааст, зарур мебошад, зеро дар фосилаи бист соле, ки гузашт, талаботи замон дигар шуд. Имрӯз забони тоҷикӣ ҳамчун забони сиёсат, қонунгузорӣ, коргузорӣ, муоширати байни сокинони кишвар, забони илму фарҳанг ва воситаҳои ахбори омма дар истифодаи васеъ қарор дорад», - таъкид доштанд Сарвари давлат.

Бо ҷаҳду талош ва ташаббуси бевоситаи Президенти кишвар, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ҳуқуқ аз ташаббуси қонунгузорӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуданд, ки он 1 октябри соли 2009 таҳти №1395 қабул шуд ва 3 октябри соли 2009 аз ҷониби Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдорӣ гардида, 5 октябри соли 2009 таҳти №553 аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба имзо расид.

Бо мақсади татбиқи ҳамаҷонибаи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо дастгирии Раиси Ҳукумати мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи рушди забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012 - 2016»-ро қабул намуд. Баъд аз анҷоми он ҷиҳати тақвият бахшидан ва идома додани ин анъана бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 ноябри соли 2020 таҳти №647 «Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020 - 2030» тасдиқ гардид.

Барномаҳо, албатта, таҳкимбахши рушди забони давлатӣ буда, барои пойдориву устуворӣ ва бақои забони давлатӣ омили муҳиманд.

Як нуктаи муҳимро мебояд зикр кард, ки Пешвои миллат доир ба бақои миллат ва ҳастии он сухан ронда, забони миллиро ба симо ва пайкари миллат ташбеҳ медиҳанд: «Ба ин далел метавон гуфт, ки забони миллӣ симо ва пайкари миллати мо мебошад. Аз ин рӯ, ин симо бояд зебо ва ин пайкар тавоно бошад. Гузашта аз ин, умри миллат ба умри забон вобаста аст, яъне, бақои забон бақои миллат аст. Забон нишонаи муҳимтарини миллат ва пайвандгари наслҳост. Бузургии миллатро, пеш аз ҳама, аз он эҳсос кардан мумкин аст, ки афроди он забони миллии худро то чӣ андоза ҳифзу эҳтиром менамоянд. Ҳар як фарди бонангу номус ва ватандӯсту ватанпарвар ва ҳар шахсе, ки забони тоҷикиро ҳамчун забони модарии худ дӯст медорад, бояд ин нуктаро бо тамоми ҳастияш дарк карда, аз рӯи он амал намояд».

**(Давомаш дар саҳ. 4)**

# САҲМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР РУШДИ МАҚОМОТИ ГУМРУК

**Мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои ноором ва пур аз ҳаводиси охири асри гузашта бо дастгирии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъсис ёфта, чун дигар сохтори давлатӣ, баҳри иҷрои таъмини як қисми даромади буҷети давлатӣ, ҳифзи амнияти иқтисодӣ, мубориза бар зидди муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар, мамнӯъ эълон доштани вуруди адабиёти ифротгаройӣ, танзими тиҷорати хориҷӣ ва пешгирӣ аз содироти осори арзишманди таърихиву фарҳангӣ саҳми босазо дорад.**

**Мақомоти** гумрук таҳти сарварии фарзанди фарзонаи миллат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар баробари таъмини амнияти иқтисодӣ, ҳамчунин, барои ғановати буҷети давлатӣ саҳми арзанда гузошта, ҷиҳати пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ, риояи тартиби муқаррargardидаи интиқоли молу воситаҳои нақлиёт ва ҳифзи неъматҳои Истиқлолияти давлатӣ муборизаи беамон бурда, ба институти муқтадири таъминкунандаи амнияти иқтисодиву тиҷоратӣ ва фарҳангиву иҷтимоӣ мубаддал гардид.

Тавре мусаллам аст, пас аз пош хӯрдани давлати абарқудрати Иттиҳоди Шӯравӣ иншооти гумрукӣ ва мутахассисони соҳаи гумрук берун аз ҷумҳурӣ монда, танҳо дидбонгоҳҳои гумрукии Панҷи поён, Қӯрғонтеппа ва Ленинобод бо зиёда аз 2 350 километр сарҳади маъмурии собиқ ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ба ихтиёри Ҷумҳурии Тоҷикистон монд. Ба ибораи дигар, маҳз туфайли талошҳои созанда ва дастгириҳои бевоситаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон на танҳо мушкилиҳоро паси сар намудем, балки дар як ҷои холӣ тавонистем механизми боэътимоди гумрукии таъмини амнияти кишварро ба вуҷуд оварда, фаъолияти самараноки онро таъмин намоем. Бо дастгириҳои Давлат ва Ҳукумати мамлакат мақомоти гумрук тавонист ба мақоми боэътимоди татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ табдил ёбад.

Ҳоло мақомоти гумрук аз дастгоҳи марказӣ, Донишкадаи такмили ихтисос, лабораторияи гумрукии марказӣ, маҷаллаи «Гумрук», Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази Равзанаи ягона», Корхонаи воҳиди давлатии «Матбааи Хадамоти гумрук», Корхонаи воҳиди давлатии «Таъмиру сохтмон» ва панҷ раёсати минтақавии гумрукӣ иборат буда, назорат ва барасмиятдарории гумрукии интиқоли молу воситаҳои нақлиёт дар 24 гузаргоҳи наздисарҳадии автомобилӣ, чор гузаргоҳи роҳи оҳан, як гузаргоҳи дарёӣ, панҷ гузаргоҳи нақлиёти ҳавоӣ, 17 гумрук ва 21 дидбонгоҳи гумрукии дохилӣ ба роҳ монда шудааст.

Боиси хушнудист, ки Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зимоми роҳбариро ба дасти фарзанди фарзонаи миллат - Эмомалӣ Раҳмон дод. Ӯ миллатро ба соҳили мурод расонида, аз вартаи навмедиву нобудшавӣ наҷот дод. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар андак вақт ба пешрафтҳои назаррас ноил гардида, захмҳои дар ҷанги бемаънии бародаркуш бардошта шифо ёфтанд, оворагону муҳоҷирон ба манзилҳояшон баргаштанд.

Ҳукумати мамлакат аз тадбирҳои судманд истифода намуда, баҳри ҳимояи миллату давлат роҳҳои оқилонаву мантиқиро пеш гирифт. Ҳамин сиёсати хирадмандонаву дурбинона буд, ки кишвар аз имтиҳони вазнини таърихӣ гузашт ва дар асоси тадбирҳои андешидаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон алангаи оташи ҷанг хомӯш гардида, Тоҷикистон истиқлолияти комил ба даст овард.

Дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти гумрукӣ ба ҳукми қонун даромада, қабули Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарифи гумрукӣ» ва татбиқи минбаъдаи ин ду санади муҳим барои рушди иқтисодиёти кишвар ва болоравии сатҳи зиндагии мардум саҳми арзанда гузоштанд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба фаъолияти кормандони мақомоти гумрук баҳо дода, зимни як суханрониашон изҳор доштанд: «Амнияти иқтисодӣ, фарҳангӣ ва муҳити зист дар кишвар мустақиман ба фаъолияти мақомоти гумрук вобаста аст».

Пешвои миллат таъкид менамоянд, ки «Шароити имрӯзаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ талаб менамояд, ки барои беҳтар намудани вазъи соҳаҳои иқтисоди миллӣ доир ба истифодаи самараноки захираву иқтидорҳои молиявӣ, истеҳсолӣ ва табиии кишвар, пешбурди сиёсати самараноки захираву иқтидорҳои молиявӣ, истеҳсолӣ ва табиии кишвар, татбиқи сиёсати самараноки молия ва қарз, риояи қатъии низоми истифодаи самараноки молия ва қарз, истифодаи сарфакоронаи маблағҳои буҷетӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, дастгирӣ ва ҳимояи истеҳсолкунандагони ватанӣ, тақвияти иқтидорҳои содиротӣ, бахусус фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди соҳибкорӣ аз ҷониби Ҳукумат тадбирҳои иловагӣ андешида шаванд». Аз ин рӯ, сарфи назар аз вазъи ноустувори молиявию иқтисодии дар ҷаҳон идомадошта, гумрукчиёни кишвар дар иҷрои вазифаҳои душвору дар баробари ин пуршарафи хидматӣ содиқ монда, дар пайравӣ ба марди тавоно, сиёсатмадори асил, хирадманду оқилу дурандеш - Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри таҳкими амнияти иқтисодиёти мамлакат ва ободии диёр саҳм мегузоранд.

Боиси қаноатмандӣ ва сарфарозии аҳли диёр аст, ки корвони истиқлолият бори гаронбаҳои сулҳу ваҳдат, оромиву осоиштагӣ ва якдилиро бо қадамҳои устувор пеш мебарад. Мо аз он ифтихор менамоем, ки соҳиби ин Ватан ва давлати мустақил ҳастем.

Ҳайати шахсии мақомоти гумрук бо ҷонибдорӣ аз сиёсати бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баробар бо иҷрои уҳдадориҳои вазифавӣ, инчунин, баҳри ободу зебо гардидани кишвари биҳиштосо кӯшиш ба харҷ хоҳанд дод.

**КАРИМЗОДА**
**Хуршед Абдураҳмон,**
**сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-лейтенанти хадамоти гумрук**

# ҶАВОНИРО ФИДО КАРДАНД, ТО...



**Ҳар соати фаъолияти Пешвои миллат ба маънои томаш қаҳрамонӣ буда, арзандаи ҳазорҳо шеъру достон, манзума, матолиб ва рисолаҳои илмӣ мебошад. Дар бораи Сарвари давлат зиёд навиштаанд. Аз шахсони касбу кори гуногун - одамони одӣ, мансабдорони сатҳи баланд ва зиёиён, аз некиҳояшон гуфтанд, садоқаташонро ба арзишҳои милливу давлатӣ васф карданд, аз ҷасораташ ёдовар шуданд, одамияту самимияташонро камназир унвон карданд. Ҳар қадом симои ин фарзанди фарзонаи миллати тоҷик, абармарди муътабари олами сиёсат, меъмори сулҳи тоҷикон ва шахсияти хирадманду дурандешро бо усул, шева ва назокатҳои инфиродӣ бозгӯйӣ намудаанд.**

**Албатта,** то чӣ андоза комёб будани муаллиф дар бозгӯйӣ намудани шахсияти Пешвои миллат ба донишу касбият вобаста буда, аз садоқату самимият, эҳсоси ватандорӣ ва ҷасорат маншаъ мегирад. Матолиби дар ин мавзӯъ иншошуда дар сурате нишонрас ва дар ташаккули афкори ҷомеа саҳмгузор мегарданд, ки ба аҳли ҷомеа ҳаводиси қаблиро ёдрас намуда, далелу рақамҳо дар заминаи қиёс пешниҳод гарданд.

Вақте ки оид ба садоқат ба арзишҳои милливу давлатӣ, одамияту самимият, ҷасорату матонат, накукориву қонунмеҳварӣ, ҷиддияту салобат ва дигар хислатҳои ҳамидаи инсонӣ меандешам, пеши назар симои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон меояд. Ҳарчанд бисёриҳо ҳавас мекунанд, ҳасад мебаранд ва орзу мекунанд, вале мардона бояд иқрор шуд, ки аз роҳбарӣ маҳбубу муътабар шудан кори осон нест. Манзур сарварони поквиҷдону масъулиятшинос мебошанд. Моҳиятан роҳбарон бояд виҷдони ҷомеа бошанд.

Тамаллуқ нахоҳад буд агар гӯям, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон содиқонаву бериё зиндагӣ ва фаъолият менамоянд. Ҳамнавои замон буда, набзи зиндагии одамонро чун набзи худ ҳис мекунанд. Бо мардум пайванди ногусастанӣ доранд. Хуб медонанд, ки муборизаҳо, бунёдкориҳо, тақдирҳо, ормонҳо дар фаъолияти ҳар сарвар дарҷ ва дар саҳифаҳои таърих нигошта мешаванд.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар замоне зимоми давлатдориро ба даст гирифтанд, ки кишвар дар ҳоли таназзул қарор дошт. Ин абармард «ба зимистони сарди халқ мисли баҳор дамида», «ба тоҷикони пароканда ҷамъият бахшиданд». Ба ибораи дигар, «ҷавониашонро фидо карданд, то диёр ҷавон монад». Ҳарчанд, ки нуфузашон бемайлон боло рафт, ҳамон андоза хоксор шуданд. Дар ҳама ҳолат, новобаста ба вазъият, андешаашонро дигар накарданд. Аз нотавонбинон заррае ҳарос надоранд.

Аз матолиби дар бораашон иншошуда ва филмҳои телевизионӣ бармеояд, ки ҳарчанд хеле ҷиддиву бовиқор ба назар мерасанд, вале бо ҳамон ҷиддияту салобати хос, самимона бо ҳама муносибат мекунанд. Нафароне, ки босаводу кордон ҳастанд, маҳз бо дастури Пешвои миллат ба вазифаҳои муносиб сазовор дониста шуданд. Моҳиятан ин хислати сиёсатмадор, яъне, эътирофи савод, истеъдод, ҳунар аз гавҳаршиносии роҳбар дарак медиҳад.

Пешвои миллат зиндагиро дар ҷабҳаи мубориза барои расидан ба хайр ва аз байн бардоштани шарр сарф кардаанд. Ин абармард иродаи шикастнопазир, азм ва нияти нек доранд. Муҳаббат ба халқу Ватан дар мағз андар мағзи ҷонашон ҷой гирифта, шуъла мезанад. Агар ба роҳи паймудаашон мутаваҷҷеҳ гардем, маълум мешавад, ки ба сӯи камолот зина ба зина ҳаракат намудаанд.

Онҳое, ки қаҳрамони матлабро пеш аз Роҳбари давлат интихоб шудан мешинохтанд, гуфтанд, ки дар ҳар вазифае, ки фаъолият карданд, кордонию масъулиятшиносӣ сармашқи корашон буд. Маҳз хислатҳои нек, усули хоси роҳбарӣ ва дурандешӣ мақоми он касро миёни ҳамкорон боло бардошт. Ибтидои солҳои навадуми асри гузашта даврони вазнине барои мардуми Тоҷикистон оғоз гашт. Боварҳо, ҳизбу ҳаракатҳо майл ба сӯи ҷудоӣ карданд. Оташи ҷанг аланга гирифт. Мавҷудияти миллати тоҷик дар зери хатар монд. Вазъияти кишвар рӯз ба рӯз буҳронитар мегардид. Хавфи парокандагиву нобудӣ ба миён омад. Ҳатто баъзе аз соҳибони вазифаҳои баланди давлатӣ рӯ ба фирор оварданд, тамошобин шуданд. Дар чунин вазъияти душвор муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардиданд.

Аз суҳбатҳои шоҳидони ҳол огоҳӣ ёфтем, ки Роҳбари тозаинтихоби давлат шабу рӯз кор карданд, ба хонаашон хеле дер меомаданд ва ё баъзе шабҳоро дар ҳуҷраи корӣ рӯз менамуданд. Ин абармард хуб дарк намуда буданд, ки бояд вазифаи бардӯшдоштаро ба хубӣ анҷом диҳанд. Рисолати милливу ватанхоҳиашонро дар ҳамин мебинанд. Мекӯшиданд дар ҳама ҳолат орому ботамкин бошанд, ҳеҷ гоҳ ба эҳсосот дода намешуданд, боиси ранҷиши дигарон намегаштанд. Ба мушкилиҳои мавҷуда нигоҳ накарда, дар ҳама ҳолат худро хурсанд вонамуд менамуданд. Онҳое, ки Ватану миллаташонро дӯст медоранд, ба арзишҳои умумибашарӣ эҳтиром мегузоранд, воқеан ҳам, соҳиби дили бузург ҳастанд. Аз худ гузаштан, манфиати давлату миллатро боло гузоштан, ба хотири ормонҳои инсонӣ кору зиндагӣ кардан аз оини ҷавонмардист. Ана, ҳамин гуна шахси сарсупурдаи Ватану миллат мебошанд Пешвои миллати мо. Кордон, масъулиятшинос, ҳақпараст, соҳиби маърифат, меҳрубон, ғамхор, сарсупурда ва ИНСОН бо ҳарфҳои бузург.

Дар он рӯзгорон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати Роҳбари давлат як орзу доштанд: ободии Ватан, осоиши мардум. Аммо барои амалӣ шудани ин орзуҳо роҳи мушкиле дар пеш буд. Роҳи хатарзо, пур аз фитнаву найранг. Дониш, хирад, матонат, устуворӣ, бовар ба фардои дурахшони миллат қутбнамои роҳи Сарвари кишвар буд. Маҳз ба шарофати ӯ дар он марҳилаи бисёр ҳассос мардуми соҳибтамаддуни тоҷик тавонист ба манфиатҳои миллат ва Ватан афзалият дода, хатари аз байн рафтани давлати ҷавон ва пароканда гардидани миллатро бартараф созад ва бунёди Ватани ободу зебои биҳиштосоро дилпурона оғоз намояд.

Дар зарфи 31 соли соҳибистиқлолӣ мардуми шарифи Тоҷикистон бо сарварии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳи таърихиеро тай намуд, ки масири пур аз монеаву мушкилот маҳсуб мешавад. Хуб дар хотир дорем, ки солҳои аввали соҳибистиқлолӣ фаъолияти сохтору мақомоти давлатӣ пурра фалаҷ гардида, низоми идоракунии давлатӣ амалан барҳам хӯрда, Конститутсия ва дигар қонунҳо поймол ва дар кишвар фазои беҳокимиятиву хушунату зӯроварӣ ҳукмфармо гардида буд.

Дар заминаи дурандешии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин раванд хислатҳои накуи инсонӣ, аз қабили таҳаммулгароӣ, шукргузорӣ, сабру тамкин ва бахшидани якдигар меҳвар қарор гирифта, фосилаи расидан ба сулҳу субот фарсаххо наздиктар шуд. Ҳамин фазилатҳои оливу азалии Роҳбари хирадсолор муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мардуми моро ба ҳамдигарфаҳмӣ, ҳамдигарбахшӣ ва сулҳу оштии миллӣ ҳидоят намуда, аз баракати иқдомоти беназиру судовари Сардори давлат дастовардҳо дар ҳама соҳа рӯ ба афзоиш овард.

Пешвои миллат бо ҷасорати хос ва беназир, бо вуҷуди фузун будани садду камбудиҳо расидан ба истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқавории кишвар ва саноатикунонии босуръати мамлакатро ҳадафҳои стратегӣ эълон намуданд. Эътироф бояд кард, ки дастовардҳои минбаъда аз ин ибтикор маншаъ гирифтаанд.

Ба шарофати ин иқдомҳо замина фароҳам омад, ки дар 20 соли охир суръати миёнаи солонаи рушди иқтисодии кишвар дар сатҳи 7,5 фоиз таъмин гардида, даромади буҷети давлатӣ аз 252 миллион сомонии соли 2000-ум то 27,6 миллиард сомонӣ дар соли 2021 зиёд шавад. Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ низ тамоюли афзоишро касб намуда, ба ҳар сари аҳолӣ дар ин давра аз 289 сомонӣ то 9 ҳазор сомонӣ расида, беш аз 30 баробар зиёд гардид.

Мақому манзалати бениҳоят баланди Пешвои миллат ҳамчун абармарди олами сиёсат замина фароҳам овард, ки дар давраи зикршуда бо ҷалби сармояи хориҷӣ ба маблағи умумии беш аз 91 миллиард сомонӣ зиёда аз ҳазор лоиҳаи сармоягузории давлатӣ, бахусус, дар соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла, маориф ва тандурустӣ, инчунин, энергетика, нақлиёт, обтаъминкунӣ ва дигар бахшҳо, амалӣ шуд.

Ба шарофати ташаббускорӣ ва дурандешии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобастагии иқтисоди кишвар ба маҳсулоти воридотӣ, аз ҷумла, ангишт, масолеҳи сохтмон, бахусус, семент ва анвои маҳсулоти ғизоӣ, бартараф гардида, барои содироти маҳсулоти саноатии ватанӣ замина фароҳам омад.

Ба хотири расидан ба ваҳдати миллӣ ва барқарорсозии иқтисоди кишвар, пеш аз ҳама, таъмини рафтуомад ва робита зарур буд. Бо ибтикори Роҳбари мамлакат беш аз 2200 километр роҳи байналмилалии мошингард, 220 километр роҳи оҳан, 237 пул ва 5 нақби мошингузар бунёд гардида, ҳоло корҳо дар дигар лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ доир ба бунёди роҳҳо идома доранд.

**(Давомаш дар саҳ. 4)**

# «ДАР МУРҒОБ МАРДУМ ИНТИЗОРАНД, АЗ РОҲИ САФАР БАРНАМЕГАРДАМ»

**Боре дар як суҳбат собиқ муҳаррири рӯзномаи «Сари кӯл»-и ноҳияи Мурғоб Султон Парманов нақл кард, ки ӯ дар хусуси ҷасорат ва далерии роҳбарони кишварҳои гуногуни дунё бисёр хондаву шунидааст ва наворҳои телевизиониро низ тамошо кардааст. Вале диловарӣ, дар ҳолатҳои фавқулода наҳаросидан ва ҳастиро сарфи ободии Тоҷикистон осудагӣ ва саодати мардум нисор кардани Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба ростӣ, аз ҳама болотар медонад.**

**Дӯсти** рӯзноманигорам барои тасдиқи гуфтаҳояш далел ва мисолҳои зиёд овард. Аз ҷумла, гуфт, ки дар ибтидои солҳои соҳибистиқлолии кишвар Сарвари давлат дар ҳавои номусоид, борони сел, ки ба зудӣ дар осмони беканори Помири шарқӣ ба барф табдил ёфт, ба Мурғоб сафари корӣ анҷом медоданд. Дар болои ағбаҳои Кӯҳтезаку Харгӯшӣ ва наздикии Булункӯли яхбаста чархбол дигар имкони давом додани парвоз надошт. Сарвари лётчикҳо пешниҳод намуд, ки ба шаҳри Хоруғ баргарданд, вале муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қатъиян рад карда, кӯтоҳакак гуфтаанд, ки «дар Мурғоб ӯро мардуми бисёре интизоранд, дар ягон ҳамворӣ ба замин нишинед, аз роҳи сафар барнамегардам, бо ягон нақлиёт назди мардум меравам».

Халабонҳо бо азобе чархболро дар соҳили Булункӯл шинонданд. Сокинони Ҷамоати деҳоти «Аличур» аз кӯдакони хурдсол то пирони солхӯрда бо шодиву хуррамӣ ба соҳили кӯл шитофтанд. Онҳо Пешвои миллатро истиқбол намуданд. Баъди вохӯрии кӯтоҳмуддат бо сокинони водии Аличур Президенти мамлакат бо ягона мошини «Нива»-и куҳна ба маркази ноҳия рафтанд. Дар вақти муайяншуда бо роҳбарон ва сокинони минтақаи дурдаст мулоқоти самимона оростанд. Мошини ба китоби таърих воридшудаи «Нива»-ро духтури ҷавон, Иброҳим писари директори совхози «Аличур» Ҷӯрабой Азимов баъди фавти қиблагоҳ таи чанд сол чун гаҳвараки чашм тозаву озода нигоҳ медошт. Ҳарчанд ҷаҳонгардони хориҷӣ ҳамчун ёдгории нодири таърихӣ бо нархи гарон мошинро харидорӣ кардан мехостанд, аммо ин ҷавонмарди ватандӯст ва бонангу номус онро нафурӯхт, балки ба Осорхонаи миллии Тоҷикистон тақдим намуд. Роҳбари хайрхоҳ ва олиҳиммати давлат дар ивазаш ба аҳли ин хонавода мошини нави «Нива» инъом карданд.

Дар ҳамон сафари таърихӣ ва хотирмон Президенти мамлакат аз баландиҳои гузаргоҳи Қулма низ дидан карданд. Ба кору амали коргароне, ки роҳи қариб 100 - километраи Мурғоб-Қулмаро сохта буданд, таҳсину офарин хонданд. Сарвари давлат, ҳамчунин, ба бунёди Неругоҳи барқи обии «Тоҷикистон» санги асос гузоштанд.









Баъди он сафар бо дастур ва супоришҳои Пешвои миллат аз ҷониби Ҳукумати мамлакат «Дар бораи рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии ноҳияи Мурғоб» қарори махсус қабул гардид. Ҳоло аксар бандҳои он ба иҷро расонида шудаанд. Ба зудӣ дар ин минтақаи баландкӯҳи Помири шарқӣ, даҳҳо иншооти самти саноатӣ, иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, муассисаҳои таълимӣ, фарҳангӣ, тиббӣ, биноҳои маъмурӣ ва садҳо манзили истиқоматӣ сохта шуданд. Неругоҳҳои барқи обии «Тоҷикистон», 200- киловолтаи офтобӣ, Корхонаи коркард ва истихроҷи нуқраи «Истиқлол» дар мавзеи Якҷилваи водии Аличур аз ҷумлаи чунин бунёдкорӣ ва созандагиҳо мебошанд.

Ба гуфти узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси ноҳияи Мурғоб Ҳусния Раҷабзода, сокинони заҳматкаш ва сарбаланди ноҳияи Мурғоб дар ҷавоби ҳама ин ғамхориҳо якдилона дастурҳои Роҳбари давлатро содиқона ба ҷо оварда истодаанд. Онҳо баҳри равнақи самти афзалиятнок - чорводорӣ ҷидду ҷаҳди зиёде менамоянд.

Рушди соҳаҳои камхарҷи сердаромад ба он мусоидат кардааст, ки дар Мурғоб сатҳи камбизоатии сокинон торафт коҳиш ёбад. Аз ҳама муҳимаш, шоҳроҳи байналмилалии автомобилгарди Душанбе - Кӯлоб - Дарвоз - Хоруғ - Мурғоб - Қулма, ки зиёда аз 600 километри он аз қалби паҳноҳо ва соҳилҳои рӯдхонаҳои Оқсу ва Мурғоб мегузарад ва сокинони ноҳия онро роҳи ҳаёт меноманд, маҳз бо ташаббуси Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бунёд гардидааст.

Чанд сол боз сокинони марказ ва авулҳои минтақаи Помири шарқӣ, аз он ҷумла сокинони водиҳои Аличур, Булункӯл, Рангкӯл, Шаймоқу Қизиларт, Зоркӯл, Қизилработ ва Қароқӯлу Кӯҳнақӯрғон барфбориҳо ва сардиҳои зиёдро дар фасли тӯлонии зимистон бе мушкилот пушти сар мекунанд. Дастуру супоришҳои Пешвои миллатро вазорату кумитаҳо ва идораҳои ҷумҳуриявӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва ноҳияи Мурғоб ба ҷо меоранд. Ҳарчанд роҳи Қароқӯл - Ош баста аст ва аз водии Олойи Ҷумҳурии Қирғизистон кашонидани ангишт қатъ гардидааст, аммо сокинони ин минтақа ташвиш надоранд, зеро воридсозии ин навъи сӯзишворӣ ба ин диёри зимистонаш тӯлонӣ аз ноҳияҳои Айнӣ ва Варзоб ду сол боз ба роҳ монда шудааст. Ба наздикӣ бо супориши Президенти мамлакат Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба оилаҳои камбизоати ноҳия қариб 100 тонна ангишт дастрас намуданд.

Ҳоло дар ноҳияи Мурғоб як килограмм гӯшти қутос ва гӯсфанд 40-45 сомонӣ ва як литр шир 3 сомонӣ нарх дорад.

Раиси ноҳия Ҳусния Раҷабзода таъкид кард, ки солҳои муноқишаҳои бемаънии шаҳрвандӣ даҳҳо хонаводаи тоҷику қирғизи ноҳияи Мурғоб ба дигар минтақаҳои Бадахшон ва Ҷумҳурии Қирғизистон кӯчиданд. Баъди бунёди шоҳроҳи Душанбе- Кӯлоб- Дарвоз - Хоруғ - Мурғоб - Қулма бештари онҳо ба зодгоҳашон баргаштанд. Бо дастгириҳои Ҳукумати мамлакат, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва ноҳия манзилҳои истиқоматӣ ва дигар иншооти аз пештара дида ободу зеботар сохтанд. Ҳамчунин, Ҳусния Раҷабзода гузаштаи на он қадар дури рӯзгори сокинони минтақаро нисбат ба имрӯза қиёс карда, гуфт, ки солҳои сиюму чилуми қарни гузашта кашонида овардани чанд адад мизу курсӣ барои мактаб ва тахтаи синф, читу сатин ва калӯшу махсӣ тариқи роҳи Ош - Мурғоб- Хоруғ пешрафти намоён ба ҳисоб мерафт. Ҳоло тавассути ғамхориҳои Роҳбари давлат ва аз файзу баракати истиқлолият рушди ҷомеа ба он зинае расидааст, ки дар авулҳои Кӯҳнақӯрғон, Модиён, Бешгумбез, Рангкӯлу Қизилработ ва дуриҳои дури маконҳои қутоспарварони Қароқӯл, Зоркӯлу Булункӯл низ хонандагон бо компютер ва дигар асбобу анҷоми ҳозиразамони таълимӣ ва иттилоотӣ сарукор гирифтаанд. Сокинони ин диёр сарулибоси дилхоҳашон, маҳсулоти зарурии хӯрок ва асбобу анҷомҳои рӯзгорро ба мисли дигар шаҳру навоҳии вилоят ба таври дилхоҳ пайдо карда метавонанд.

Дар анҷоми суҳбат Султон Парманови тарҷумон ва рӯзноманигор бо хушнудӣ ва арзи эҳтироми бепоён нисбат ба кору пайкори Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин гуфтанд: «Барҳақ меҳри дӯст доштани диёрро дар дили сокинони Мурғоб амалҳои ободонӣ, бунёдкорӣ ва созандагиҳое, ки бо дастгириҳои Пешвои миллат дар даврони соҳибистиқлолӣ ба ҷо оварда шудаанд, боз ҳам зиёдтар бедор кардааст. Хурду бузурги ин сарзамин аз он ифтихорманд ва шукргузоранд, ки Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарвар ва шахсияти нотакроранд, ки Тоҷикистони азизро дар даврони истиқлолият бо саъю талошҳои ватанпарастона ба мамлакати осоиштаву биҳиштосо табдил додаанд.

**Сироншоҳи ДИЛОВАР,**
**рӯзноманигор, ноҳияи Мурғоб**



# ҶАВОНИРО ФИДО КАРДАНД, ТО...

**(Идома аз саҳ. 3)**

Иншооти бузурги гидроэнергетикӣ, аз ҷумла неругоҳҳои барқи обии «Сангтӯда-1» ва «Сангтӯда-2», ду агрегати Неругоҳи барқи обии «Роғун», марказҳои барқу гармидиҳии шаҳри Душанбе, садҳо неругоҳи барқи обии хурд, хатти интиқоли барқи 500 - киловолтаи «Ҷануб - Шимол», хатҳои интиқоли барқи баландшиддат ва зеристгоҳҳои барқии пуриқтидор таҷдиди неругоҳҳои барқи обии «Норак», «Сарбанд» ва «Қайроққум» дастовардҳои соҳаи энергетикаи кишвар ба ҳисоб меравад, ки дар саргаҳи онҳо Пешвои миллат қарор доранд.

Дар заминаи таваҷҷуҳу дастгирии Президенти ҷумҳурӣ маблағгузории соҳаи маориф садҳо баробар афзуда, беш аз 3 ҳазор бинои нави таълимӣ барои 1 миллиону 270 ҳазор ҷои нишаст бунёд ва ба истифода супорида шуд. Маблағгузории соҳаи тандурустӣ низ сол ба сол зиёд гардида, дар 20 соли охир беш аз 16 миллиард сомониро ташкил кард. Дар ин давра барои фароҳам овардани шароити мусоиди хизматрасонии тиббӣ ба аҳолии мамлакат зиёда аз 2550 муассисаи нави тиббӣ бунёд карда шуда, бо таҷҳизоти муосири тиббӣ таъмин гардид.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шахсияте ҳастанд бо хислати нек ва иродаи фӯлодин. Дар қӯраи зиндагӣ ба маънои томаш обутоб ёфтаанд. Бале, баъзан тунд мегӯянд, дар кор сахт мегиранд. Чун якдилу яксифату якрӯанд, аз найранг, дурӯягӣ, ҳаромхории касон ба шӯр меоянд ва иҷрои супоришро сахт мепурсанд. Эътироф ва арҷгузорӣ бояд кард, ки ин шеваи рафтори он кас боиси пешрафти кишвар гардид.

Дар наворҳои расонаинамудаи Хадамоти матбуоти Президент дидем, ки бо пайвандону дӯстон ва шогирдон ҳазлу шӯхӣ мекунанд, аз лутфи латифи дӯстон кӯдаквор завқ мебаранд. Аз умқи дил беғаш механданд. Дар муносибат бо ҳар як фарди Ватан боэҳтироманду ба ғаму шодии онҳо шарик мебошанд. Бениҳоят қадршиносанд. То ҳадде, ки зимни суханрониашон вобаста ба 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ иброз доштанд: «Ман аз ҳамаи онҳое, ки дар солҳои вазнин бо ман ҳамкорӣ карданд, миннатдорам ва ба ҳар яки онҳо камоли умру давлати пирӣ орзумандам. Мо бояд минбаъд низ сарҷамъу муттаҳид бошем, неъмати қиматтарини зиндагиамон - истиқлолияту озодиро ҳимоя кунем, дастоварди бузургтарини даврони истиқлол - сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро боз ҳам таҳкиму тақвият бахшем».

Дар тарбияи фарзандон, воқеан ҳам, шахси муваффақ мебошанд. Қаблан навишта будам, ки мактаби дигаре ҳаст, ки мутаассифона то ин вақт аз мадди назари коршиносон ва мубаллиғони Ҳукумат дур мондааст. Ин мактаби тарбияи фарзанд буда, падидаи ҷадид, намунаи ибрат, шоистаи пайравӣ ва арзандаи ситоиш аст. Бидуни муболиға муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бунёдгузори мактаби беназири тарбияи фарзанд мебошанд, ки аз файзи он соҳаҳои гуногун баракат ёфта истодаанд. Фарзандони Пешвои миллат ҳоло на танҳо фахри волидонанд, балки бо хизмати софдилона дар ҷомеа обрӯю мартабаи бениҳоят баланд доранд.

Мутаассифона, ҳастанд ба ном мухолифон, вале дар асл нотавонбинони Пешво, миллат ва давлат, ки ҳама амалашон муғризона аст. Хуб дарк менамоям, ки пешравиҳои кишвари азизи мо барои инҳо мисли кордест, ки ба гӯшту нохунашон расидааст, хорест, ки муназзам ба дидагонашон мехалад ва устухонеро шабеҳ аст, ки дар гулӯяшон дармонда. Табиист, ки бо ҳар роҳу васила мехоҳанд «интиқод» кунанд. Миёни мардум маҳбубияти зиёд доштани Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боиси рашкашон аст.

Ин тоифа ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонанд нодида гиранд, ки маҳз бо кӯшишҳои пайгиронаи ин абармард сулҳу субот, ваҳдати миллӣ дар кишвар таъмину пойдор гардид, заминаҳои воқеӣ ва мустаҳкам баҳри бунёди пояҳои давлатдории муосир ва инкишофи бемайлони ҷомеа гузошта шуд, ки боиси падид омадани як давлати воҳид, рӯ ба инкишоф ва дар низоми байналмилалӣ соҳибмақом гардид.

Инчунин, таҳкурсии гузариш аз як низоми сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ ба низоми дигар фароҳам омад ва бо вуҷуди ҳама мушкилот давлати соҳибистиқлоламон муназзам рушд намуда истодааст ва пайванди ҷомеа бо ҷаҳони мутамаддини муосир, ки ҷавҳар ва асли онро низоми демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ташкил медиҳад, ба вуҷуд омад.

Дар ҳоле ки нотавонбинон бо мусоидати хоҷаҳояшон пайи тахриби кишвар тасмим доранд, шаҳрвандони кишвар бо роҳбарии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар аз имтиҳони ҷиддии таърих гузашта, баъди ҳазор сол боз аз сари нав баҳри пирӯзии Истиқлолияти давлатӣ Парчами Ватани азизамонро дар олам партавфишон намуданд, низоми давлатдориро дар мамлакат устувор сохтанд, шохаҳои ҳокимиятро таҳким бахшиданд ва дар барпо намудани давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона ба дастовардҳои беназир ноил гардида истодаанд.

Тоҷику тоҷикистониён аз он ифтихорманданд, ки саҳми Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаклгирӣ ва пешрафту такомули самтгирии ҷаҳони муосир муассир аст. Пешниҳодҳои Пешвои миллат, ки дар суханрониҳояшон зимни баргузории чорабиниҳои гуногун дар ақсои олам ироа шуданд, барои болоравии мақому манзалати кишвар дар арсаи байналмилалӣ, ҳалли мушкилоти обу энергетика, мубориза бар зидди терроризм, ифротгароӣ ва муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар ва ғайра таҳрик бахшиданд.

Фахр менамоем, ки давлати ҷавони мо ба созмонҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, аз ҷумла, Созмони Милали Муттаҳид, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони ҳамкории Шанхай, Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё ва ғайра шомил ва хеле фаъолу ташаббускор аст.

Боиси ифтихори ҳар яки мост, ки Роҳбари давлати мо муаллифи чор ташаббуси бузург - «Соли байналмилалии оби тоза» (2003), Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои ҳаёт, солҳои 2005 - 2015», «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об» (2013) ва Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор» (2018 – 2028) мебошанд. Далелҳои зиёд мавҷуданд, ки суханони пурҳикмат ва пешниҳодҳои муҳиму созандаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон айни замон сармашқи кори сарони аксар кишварҳо дар арсаи байналмилалист. Боке нест, агар чанд нотавонбине дастовардҳоро нодида гиранд

Хулоса ин аст, ки дар давоми давлатдории муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳадафҳои созандаашон дар заминаи нияти нек ва азми қавӣ татбиқ ёфта, ин раванд бардавом аст. Маҳз ин дастовардҳо боис шуданд, ки дар ҷомеа дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд оянд.

Мо бояд ба ин ҳама пешравиҳо воқеъбинона баҳогузорӣ намоем, зеро эътироф ва арҷгузорӣ намудан оини ҷавонмардист.

**Далер АБДУЛЛО,**
**муовини сармуҳаррири рӯзномаи «Садои мардум»**

# Эмомалӣ РАҲМОН: «ЗАБОНИ МИЛЛӢ СИМО ВА ПАЙКАРИ МИЛЛАТИ МО МЕБОШАД»

**(Идома аз саҳ. 3)**

Дар такя ба суханони арзишманду волои Пешвои миллат мақоми олии қонунгузори кишвар - Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони фарогири корӣ ва муошират, яъне, ба забони давлатӣ, ки ҷавобгӯи ҳама ниёзи даврони истиқлолият ва давлати мустақил мебошад, бар асоси принсипҳои сиёсати давлатӣ доир ба ҳифзи арзишҳои миллӣ дар фаъолияти мақомоти қонунбарор амал намуда, вакилони Маҷлиси намояндагон бо масъулият бар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва меъёрҳои илмию қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ дар таҳияи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳмгузор мебошанд.

Тибқи моддаи 6 - уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони давлатӣ таҳия ва қабул карда мешаванд. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба забонҳои дигар тарҷума карда мешаванд».

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамчун мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, бевосита санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ - қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо, қонунҳо ва қарорҳоро қабул намуда, аз тариқи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ пешниҳод ва таклифро амалӣ менамояд. Доир ба риояи ҳатмии меъёрҳои забони давлатӣ дар қонунэҷодкунӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 16 апрели соли 2005 баён намуда буданд: «Масъалаи дигаре, ки ҳангоми қонунэҷодкунӣ ба мушоҳида мерасад ва ҳалли ҷиддиро тақозо мекунад, таҳия ва пешниҳоди лоиҳаи қонунҳо ба забони давлатӣ, истифодаи якхелаи истилоҳоти ҳуқуқӣ, таъмини низоми мантиқии меъёрҳои қонун мебошад, ки дар маҷмӯъ сифати қонунҳоро муайян мекунанд. Аз ин рӯ, ба тамоми субъектҳои ташаббуси қонунгузорӣ зарур аст, ки ба ин масъала таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намоянд».

Аз ин рӯ, чӣ дар қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва чӣ дар пешниҳоду таклифҳо чор масъалаи муҳими забонӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирад:

1) риояи меъёрҳои забони адабӣ ва қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ;

2) истифодаи дурусти истилоҳот дар қонунҳо;

3) риояи услуби баёни матни қонунҳо;

4) риояи аломатҳои китобат.

Риояи меъёрҳои забони адабӣ ва қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ бар пояи қисми 6 - уми моддаи 3-юми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» амалӣ мегардад. Ҳамчунин, риояи қоидаҳои имлои забони тоҷикиро Пешвои миллат бо овардани далоили илмӣ ва амалӣ дар бахши густариши забони давлатӣ ва танзими истилоҳоти илмӣ дар риштаҳои гуногун ҳамеша дар суханрониҳояшон таъкид мекунанд: «Яке аз масоили муҳим дар ташаккули забони адабӣ ва ё забони меъёр танзими қоидаҳои имло бар пояи меъёрҳои илмӣ ва таърихӣ ба шумор меравад».

Дар мисоли санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки дар Парлумони кишвар қабул мегарданд, талаботи зикршуда пурра риоя гардида, мушкил дар ин самт вуҷуд надорад. Ҳамин тавр, истифодаи дурусти истилоҳот, риояи услуби баён дар матни қонунҳо ва аломатҳои китобат ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи махсуси роҳбарияти Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд. Агар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар 30 соли даврони Истиқлолияти давлатӣ, ки аз ҷониби Шӯрои Олӣ ва минбаъд Маҷлиси Олии кишвар қабул гардидаанд (дар маҷмӯъ, зиёда аз 400 санади меъёрии ҳуқуқӣ), аз ҷиҳати забонӣ мавриди таҳлил қарор диҳем, вобаста ба қабули ҳуҷҷатҳои расмӣ доир ба забони давлатӣ марҳила ба марҳила имло ва ҳусни баёни матни санадҳои меъёрӣ низ суфта гардидаанд.

Тазаккур бояд дод, ки дар техникаи қонунгузорӣ мафҳуми «забони қонун» мавҷуд аст. Зери мафҳуми «забони қонун (ё забони санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ)» - маҷмӯи воситаҳои лексикӣ, синтаксисӣ ва услубӣ фаҳмида мешавад, ки дар асоси он матни қонун ё санади меъёрии ҳуқуқӣ навишта мешавад. Забони қонун забони адабӣ, яъне, забони меъёрӣ буда, ҷавобгӯи қоидаҳои имлоӣ, китобатӣ ва грамматикӣ, ки меъёри забонӣ номида мешаванд, мебошад.

Зикр бояд кард, ки дар парлумони касбӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба меъёрҳои асосии забони қонун навишта мешаванд. Хусусиятҳои зерини забони қонун ҳангоми таҳия ва тасдиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар парлумон пурра ба назар гирифта мешаванд:

- истифодаи калимаю ибораҳо ба маънои аслӣ, дақиқ ва мустақими онҳо:

- ҳаргиз корбаст нанамудани калимаҳо бо маъноҳои маҷозӣ ва ибораҳои рехтаву устувор дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

- дар матни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истифода намудани танҳо калимаҳои забони адабӣ;

- истифода накардани калимаҳои шевагӣ, жаргонҳо ва аргоҳо дар матнҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

- истифода кардани истилоҳот вобаста ба соҳаҳои гуногун дар қонунҳои соҳавӣ;

- риоя намудани ягонагии истилоҳоти умумӣ дар тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

- баён намудани матнҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо услуби сода, возеҳ, муъҷаз ва оммафаҳм;

- корбасти ҷумлаҳои бешахс;

- истифода накардани ҷонишинҳои шахси якум ва дуюм;

- истифода накардани мухотаб;

- истифода аз калимаҳои модалӣ;

- дар феълҳо истифода аз замони ҳозира;

- истифода аз хабарҳои таркибии номӣ ва феълӣ;

- риояи қоидаҳои имло ва аломатҳои китобатӣ дар матни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ.

Таъкид ба ёдоварист, ки дар баробари он ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» амал мекунад, инчунин, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки таи солҳои гуногун аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудаанд, низ мавҷуданд, ки истифодаи забони давлатиро дар соҳаҳои гуногун тақозо доранд. Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» масъалаҳои муҳими марбут ба забони давлатиро дар таҳия ва тасдиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳатмӣ мешуморад.

Ҳамчунин, ҳангоми ба кор қабул ё таъин намудани хизматчиёни давлатӣ ё ҳарбӣ, инчунин, мақомоти судӣ дар қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи судяҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», дар Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» донистани забони давлатӣ ворид карда шудааст.

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон забони тоҷикӣ, ҳамчун забони қонун, забони дипломатия ва забони сиёсат дар сатҳи мақомоти олии кишвар қарор дошта, ҷиҳати рушду инкишоф ва поку беолоиш нигоҳ доштани он пайваста кӯшиш ба харҷ дода мешавад.

Хонандагони азиз, Шумо инчунин метавонед хабару гузориш ва матолиби мукаммалу таҳлилиро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.

Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун
Садои мардум

САРМУҲАРРИР
АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар ЧДММ «Мега-принт» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Тилло Неккадамов, Абдумаҷид Муродов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз маҷолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд- 92-773-28-76, водии Зарафшон - 93-439-88-38, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17.
МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ: www.sadoimardum. tj ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 17 марти соли 2019 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 122/РЗ - 97

Ба чопаш 4 октябри соли 2022, соати 15:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33460 нусха

Навбатдори шумора
Бурҳониддин Каримзода

Тарроҳони компютерӣ
Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров